

***ҲАЗРАТИ АМИРҶОН***
***қисса***
Бахшида ба 700-солагии Мир Сайид
Алии Ҳамадонӣ

Мағз андар мағзи осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро васфи инсон,баланд бардоштани манзалату мартабаи ӯ,ҳимояи манфиати ҳаётии вай,таъкиди мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар фард,эҳтироми Зан-модар,такмилу тақвияти суннатҳои фалсафию ирфонии худшиносию худогоҳӣ,роҳу тариқаҳои тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ибтидои қарни XIV. Шаҳри Ҳамадон. Баъди сафар ба Хатлонзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ лаҳзае кишварҳои дидаашро фаромӯш намекард.Охир, ӯро лозим омад, ки то расидан ба Хатлон кишвару шаҳрҳои зиёдро пушти сар карда, бо мардуми онҳо, расму русум ва дину оинашон ошно бигардад. Ба хотир меовард он дашту кӯҳҳои пурасрор, водиҳои сарсабз ва ҷонварону парандагони ваҳшии озодро. Дар ҳама ҷо шоҳкориҳои табиат ва муъҷизаҳои он ӯро дар банди ҳайрат мефиканданд. Қалбашро ҳунари мардуми меҳнатдӯст, санъати косибию заргарӣ, кашидадӯзӣ, хосса, нақшҳои чакани чеварони кӯлобӣ тасхир намуда буд. Алъон Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ китобати асари нави ирфониашро анҷом медод, аммо ҳушу ёдаш ба гузаштаи дур банд буд. Ӯ ҳар шаб дамидани субҳи содиқро бо тоату ибодат истиқбол намуда, баъди адои намоз ба иншои рисолаю китобҳо машғул мешуд. «Баракату савоби саҳаргоҳон дигар аст, охир инсони комилро маҳз саҳархезӣ ризқу рӯзии фаровон медиҳад,»- аз дил гузаронд Алии Ҳамадонӣ. Ҳамин заҳмати пайваста сабаб гардидааст, ки мардуми Ҳамадони Эрон ӯро дӯст медоранд. Аллакай бо рисолаву асарҳои илмияш ошноӣ доранду медонанд, ки вай бист сол ба ҷаҳонгардию мусофират машғул аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар банди фикру андешаҳои хеш, чӣ тавр вориди ҳуҷра шудани ҳамсарашро нафаҳмида монд. Офтоби Тобон бузургворро ғарқи андеша дида, хост номаълум хуҷраро тарк бинмояд, аммо… нигоҳи рамузгиронаи ҳазрат ба ӯ афтод.

– Биё, биё! Хуб кардӣ, ки омадӣ, набошад ман бо кӣ дарди дил мекардаму хотироти аз сафарҳо ҳосилкардаамро ба кӣ иброз медоштам,- аз омадани ҳамсараш шод шуда хитоб кард Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Офтоби Тобон андаке шармгинона даст пеши бар гирифта гуфт:

– Аз таассуроти сафарҳоятон ба Ҳинду Чин ё Афғонистон ҳикоят карданиед?

– Медонӣ, азизам! Сафари охиринам бафайзу баракат буд. Зиёрати мавзеъҳои муқаддаси Самарқанду Бухоро ва Афғонистон, ошноӣ бо машойихи ирфонӣ ва пирони тариқат бароям дарҳои дунёи наверо кушоданд. Муҳиммаш, дар ин сафар шаҳри Кӯлоби хиттаи Хатлонро дидам. Аҷаб диёри биҳиштосо ва афсонавие будааст.

– Кӯлоб, маротиба нахуст ин номро мешунавам! Чӣ шаҳресту дар кадом кишвар қарор дорад ва чӣ чизаш Шуморо бад- ин дараҷа мафтун сохтааст?- бо ҳайрат пурсид Офтоби Тобон.

– Дар домани кӯҳҳои пурганҷ, миёни рӯдҳои Панҷу Вахш сарзамини Хатлон ва маркази он шаҳри Кӯлоб ҷойгир шудааст. Мардумонаш мусулмонанду басо заҳматкашу меҳмоннавоз. Дар ин диёр ба қадри илму фарҳанг мерасанд, аҳли илму ирфон ҳам дар миёни ин мардум соҳибмақому фаррухманзалатанд,- гуфт бо каноатмандӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Офтоби Тобон, ки ба гуфтаҳои ҳамсараш бештар мутаваҷҷеҳ шуда буд, пурсид:

– Чӣ, ба Шумо илму адаб ва фарҳангу ҳунараш мақбул афтод ё обу хокаш?

–Медонӣ, бе ягон истиҳола мегӯям, мафтуну мубталои ин сарзамин ва мардуми он гардидаам. Охир, дар баробари мардуми меҳмоннавозаш обу ҳавои атрогин ва насими мушкбезаш қалби касро тасхир месозад. Ман ба ин мулки афсонавӣ ва мардуми он сахт дил баста, бо маблағи 12 ҳазор динор як қисм заминҳои Хатлонро вақф намудам!

– Шуморо ба кишварҳои овозадори Ҳинду Покистон барои зиндагӣ даъват карданд, нарафтеду чӣ боис шуд, ки як гӯшаи дурдастро макони зисти худ интихоб намоед?- кунҷкобӣ намуд Офтоби Тобон.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ побанди андешаҳои ширин бо умеду боварӣ нидо кард:

– Иншоаллоҳ, Кӯлоб ба Шумо ҳам писанд меояд! Насиб бошад, дар он шахр мадрасаҳо месозему муридони баркамолро низ тарбият мекунем!

Ин дам аз берун, аз кӯчаю хиёбонҳои шаҳр ҳар гуна садоҳо ба гӯш мерасиданд. Алии Ҳамадонӣ бо андӯҳ аз дил гузаронд, ки солҳои дар ғурбат буданаш дар шаҳр ва навоҳии атроф бетартибиҳо рӯй дода, талошу хуруҷҳои мазҳабӣ авҷ гирифтаанд. Ришвахӯрию беинсофӣ, гаронии нархҳо мушкилоти рӯзгори мардумро беш аз пеш зиёд намудаанд. Аҳолӣ аз ҷабри амалдорони амир Темур ба дод омадаанд, аммо кӯ гӯши сухан шунав?! Чанд рӯз пеш ӯ ҳини ширкат дар яке аз маҳфилҳои шогирдону пайравонаш ҳис карда буд, ки онҳо аз чизе дар ташвишанду хотире парешон доранд. Ҳамин эҳсос водораш намуд, ки аз эшон бипурсад:

– Чи андешае дар сар дореду аз барои чӣ ҳамаатон дар изтиробу ҳаяҷонед?

– Пирам, рӯзҳои охир вазъият дар Эронзамин, билхосса, дар Ҳамадон хеле ноором шудааст. Бар асари кашмакашу забткориҳои Темури Ланг дар тамоми қаламрав фитнаи ғаммозону дасисабозон доман паҳн карда, аҳли илму фарҳанг таъқиб мешаванд,- ғамгинона

гуфт шогирди содиқаш Шайх Қавомиддини Бадахшӣ.

– То кунун ин шоҳи бедодгар ба Табриз лашкар кашида, онро ба харобазор табдил додааст. Мегӯянд, ки вай ба касе раҳму шафқат намекунад,- илова намуд шайх Сулаймон!

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба фикр фурӯ рафта. Ҳайрон монда буд. Намедонист, ки ба шогирдонаш чӣ посухе бигардонад, то хотирашон осуда бигардад. Охир онҳо сухани ҳақро мегӯянд! Чӣ бояд кард? Чора чист? Наход Темури Ланг ба Ҳамадон низ ҳуҷум кунад? Агар рафту пою қадами наҳсаш ба ин диёр ҳам бирасад, албатта, аз пайи озори аҳли адабу дину оин мешавад. Шайх Сулаймон ночор бо дилсӯзӣ гуфт:

– Ҳазратам, охир мартабаи Шумо баланд аст, овозаатон ҳам дар тамоми гӯшаву канорҳои Машриқзамин паҳн шудааст. Мабодо он гургони одамсурат ба ҷони Шумо ҳам қасд кунанд? «Аз бало ҳазар!»- фармудаанд хирадмандон.

– То ба сафари дур баромаданам ба ҳеҷ куҷо намеравам. Охир Ҳамадон зодгоҳи ман аст, мефаҳмед,- қотеона посух гардонид Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Аммо як гӯшаи дилаш сиёҳ буду пешомади бадеро ҳис мекард…

***

Имрӯз аз саҳар дар қасри амир Темур базму тараб ва дилхушӣ дар авҷ буд. Дарбориён, нукарон, аъёну ашрофзодагон дар хидмат буданд. Амир Темури Ланг дар курсии баланд бовиқорона нишаста, асбоби айшу тарабро талаб дошт. Як хидматгори хоссааш намоишкорона дар ҷоми тиллоӣ дасти амир майи гулгун рехта, чоплусона гуфт:

– Давлати шоҳам поянда бод! Охир нисфи дунё дар итоати Шумост! Акнун барои шукуфоии он аҳли удабою уламо, надимони машҳур зарур аст.

Темури Ланг заҳрхандае намуда, бо ҷаҳл ба атрофаш чашм давонда пурсид:

– Магар ҳамин дарбориён, ин миқдор бузургони илму ҳунар, ҳазорон сипоҳӣ, ки аз хони ман нуқл мебардоранд, басанда нестанд?

– Шоҳам, дар шаҳри Ҳамадони Эрон олиму мутафаккири бузурге зиндагӣ мекунад, ба дарбор овардани вай боиси афзудани шаъну шуҳрати Шумо хоҳад гашт!

– Кӣ будааст он мард?

– Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

– Чӣ ҳунар дорад ин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ?

– Шоиру олими фозил аст. Агар шоҳам ӯро ба дарбор биёранд, як умр васфи Шуморо хоҳад кард.

– Хайр хуб, бигузор гуфтаи ту шавад. Ҳамин ки шаҳри Ҳамадонро фатҳ кардем, ӯро ба дарбор даъват мекунем! Акнун қадаҳҳоро саршор аз бода кунед, ба айшу нӯш машғул мешавем!..

***

Ҳавлии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар кисмати ҷанубии шаҳри Ҳамадон. Аз канори рости хонаи болордор рӯди камобе мегузарад. Дар ҷангалаку марғзори ҳарду соҳили рӯд ҳар гуна ҷонварон, аз ҷумла мурғҳои даштӣ сукунат доранд. Ҳар замон аз пуштаи дарахтзор насими мушкбезе вазида, касонро аз бӯйи анбарафшони гулу буттаҳои ёбои масту сархуш месозад. Ҳоло Алии Ҳамадонӣ боғи бо дасти худ бунёдкардаашро тамошо мекарду аз нашъаи гулҳои ҳамешасабз ҳаловат мебурд. Охир ӯ аз мулку кишварҳои сафаркардааш натанҳо китобу асарҳои нодир, балки тухмии ҳар гуна зироатҳои нодиру камёфтро ҳам ба манзили зисташ меовард. Ҳоло дастниҳолонаш сабз шудаву назарабоӣ доранд. «Ана ин гули настаранро аз Хатлон, сарви аризониро аз Ҳалаб ва ёқути сабзро аз Кашмир оварда будам. Худоро шукр, тамоми фаслҳои сол сабзу шукуфон мебошанд,»- аз дил гузаронд ӯ ва ба тулӯи офтоб нигоҳкунон ҷониби ҳуҷраи дарсӣ қадам зад. Ин бегоҳӣ шогирдонаш ҷамъ меоянду тиловати Қуръони карим, китобати осори ниёгон доир хоҳад гашт.

Акнун дар ҳалқаи муридонаш Сайид Фирӯз, Рашиди Ҳаққонӣ, шайх Сулаймон, шайх Рукниддини Шерозӣ ба тадрису шарҳи улум оғоз мекарданд,ки касе дарвозаи ҳавлиро сахт-сахт кӯфт.Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки аз ҳаводиси рӯзгор огоҳӣ дошту воқеаҳои давр сахт малулаш карда буданд, оҳиста шогирдаш Шайх Сулаймонро ба наздаш хонда гуфт:

– Бирав, ку бубин, дар ин бевақтӣ киро зарурате афтода бошад, ки дари кулбаи моро мекӯбад?

Шайх Сулаймон дар пушти дарвоза навкарони шоҳро дида ҳайрон монд. Нафаре аз сарбозон нописандонаву бо ғурур пурсид:

– Бигӯ, ин хонаи кист?

– Хонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

– Худашон дар хона ҳастанд?

– Бале, ба тадриси шогирдонашон машғул мебошанд.

– Хабар деҳ, ки фиристодагони шоҳаншоҳи аъзам Темурхон омадаанд, то салому пайғоми

волоҳазраташонро ба он кас бирасонанд.
Шайх Сулаймон бо тарсу ҳарос ба назди пираш даромаду дастҳо пеши бар гирифта гуфт:
– Пирам навкарони шоҳ ба суроғатон омадаанд!
Алии Ҳамадонӣ ба муридонаш суоломез, бо дидаи тааҷҷуб нигариста, гӯиё аз худ пурсид:
– Субҳоналлоҳ, ин шоҳи бадкешро чӣ коре ба ман афтода бошад?- ва ночор ба назди «меҳмон»- ҳо баромад. Фиристодаҳои амир Темур дар аввал Алии Ҳамадониро нашинохтанд. Сару либоси одӣ, ҷомаю салла ва риши сафедашро дида гумон карданд, ки нафаре аз муридонаш ба истиқболи онҳо баромадааст. Навкар ба ӯ мағрурона дида дӯхт ва омирона, ки хосси чоплусон аст дар соати мувофиқ, пурсид:
– Куҷост пири муршидатон Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ? Барои чӣ фиристодаҳои шоҳи ҳумоюнқадам Амир Темурро истиқбол намекунад?
– Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ манам. Бифармоед,чӣ хидматеро бароятон ба ҷо биёрам?
– Мегуянд, ки Шумо илми ғайбро медонед ва шоиру олими фозиле ҳам ҳастед!
– Ман ҳамагӣ як бандаи Худояму зодаи Ҳамадони бузург!
– Хоксорӣ накунед, домулло! Охир овозаи маърифату шоирии шумо тамоми Машриқзаминро фаро гирифтааст,- гуфт бо ситеза навкар.
– Шумо барои ҳамду санои ман омадаед, ё ? …
– Ҳазрат, чӣ бахти бузурге насибатон гардидааст, охир шоҳи шоҳон Темурхон Шуморо ба дарбор даъват доранд?
– Магар дар дарбор, ки қафасро мемонад, зиндагӣ кардан нишони бахту саодат аст?- пурсид як навъ бо таассуф Алии Ҳамадонӣ.
– Ин одам барои чӣ ҳарзагӯӣ мекунад? Магар ӯ аз ҳайбату сиёсати шоҳамон наметарсад, ё хабар надорад, ки амир Темур нисфи дунёро фатҳ кардаасту мисли ӯ алломаҳо садҳо нафар дар паҳлуи шоҳаншоҳ будан ва аз карамаш бархурдор шуданро орзу мекунанд!- бо қаҳру ғазаб хитоб кард навкари дигар, ки сар то по мусаллаҳ буд.
– Натарсонед, ман аллакай умрамро дидаву то ба синни пирӣ расидаам ва нисфи умрам дар сафар гузаштааст…
Шайх Сулаймон дид, ки пираш аз баҳс даст кашиданӣ нест ва навкарони шоҳ қасди ҷонаш карданианд, ноилоҷ, ба хотири ӯро ором намудан, суханашро бурида гуфт:
–Шояд, устод таклифи шоҳаншоҳро мепазиранду фикр карда, баъд посухашро мегардонанд,- ва даҳонашро ба гӯши пираш наздик оварда, оҳиста, маслиҳатомез идома дод.- Бузургвор, рӯирост мегӯям: агар Шумо ба амри шоҳ розӣ нашавед, беҳтараш ба хонаву дар ва аҳлу аёл падруд гуфта, тарки Ҳамадон кунед…
– Шумо биравед, ман аз пасатон ба ҳузури амири ҳумоюнмком хоҳам расид,- ба сарвари навкарон рӯ оварда гуфт Алии Ҳамадонӣ.
Навкар бо ҷаҳл ба ҳамроҳонаш хабар дод, ки вақти баргаштан шудааст. Ва онҳо ба соҳибхона посухе надода, ба назди хоҷаашон баргаштанд, то сурати ҳолро ба ба ӯ бирасонанд. Баъди рафтани «меҳмонон»- и нохонда Алии Ҳамадонӣ ба ҳуҷра баргашта, муридонашро хиҷилу малул ва дар банди ғам нишаста дид. Дар гӯшае Шайх Сулаймон, Сайид Фирӯз ва Рашиди Ҳаққонӣ бо нигоҳи пур аз ҳасрату дард ба пирашон назар мекарданд. Ҳеҷ кадоме аз эшон дигар қудрати сухан гуфтан надоштанд. Хомӯширо баъди андешае чанд Алии Ҳамадонӣ вайрон карда гуфт:
– Ман ба ҳузури амир Темур меравам,то бубинам, ки ӯ чи нияту мақсаде дорад.
– Ба дарбор рафтани Шумо хатар дорад, пирам! Охир ин шоҳи бедодгар метавонад дар ҳар лаҳза раъяшро дигар созад!- хитоб кард норозиёна муриди вафодораш Сайид Фирӯз.
– Пирам, рост мегӯяд Сайид Фирӯз, беҳтараш мо аз ин диёр фирор мекунем. Охир, дарбор саршор аз ғаммозону дурӯяҳо ва бадкирдорон аст, беҳтараш наравед,- хоҳиш мекарданд муридони дигар.
– Не, меравам! Мехоҳам бо ин шоҳи ҷаҳонгир аз наздик суҳбат дошта бошам, тинату мақсади аслии ӯро бифаҳмам,- онҳоро ором карда гуфт Алии Ҳамадонӣ.- Охир умри ман сарфи тоату ибодат шудааст ва солҳост, ки ба шумо, азизонам, сабақи сабру шикебоӣ, таҳаммулу парҳезкорӣ медиҳам,- ва суханашро идома дод.- Охир сабру бурдбориро давлати муъмин гуфтаанд бузургон. Расул алайҳиссалом фармудаанд: «Давлати муъмин дар шикебоӣ ва сабру таҳаммул асту нусрати ӯ дар бурдборӣ, иззати ӯ дар накӯкорӣ ва нури ӯ дар парҳезкорист»,- гуфт қотеонаМир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ба ҳуҷраи хоссаш даромада тағйири либос кард...

***

Қароргоҳи амир Темур дар канори шаҳри Ҳамадон. Барои роҳро кӯтоҳ кардан Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз кӯчаҳои вайрона гузашта, девору манзилҳои харобгаштаро, ки ҷо- ҷо сарбозони мағрури худобехабар хиргоҳ зада буданд, пушти сар кард. Ҷангҳои пай дар пайи

мазҳабӣ зиндагии мардумро сахт душвору ноором карда буданд. Алии Ҳамадонӣ ба боғоти бесоҳиб, кушкҳои вайрон ва корвонсароҳои холӣ назар афканда, бо дили реш роҳашро идома медод. Танҳо вақте ки аз канори масҷид овози муаззин ба гӯшаш расид, ӯ аз банди андешаҳои худ берун шуд. Муаззин бо овози баланд мардумро ба намоз даъват менамуду мегуфт: «Парвардигоро, султони замину замон- амир Темурро, ки ҳамчун халифаи муслимин дар рӯи замин фатҳу нусрат мекорад, дар паноҳи исмати худат нигаҳ дор!» Алии Ҳамадонӣ ӯро шуниду оҳи бадарде аз калби пурсӯзаш кашида гуфт:

– Парвардигоро! Хунрезию кашмакашиҳои шоҳон кам буд, ки боз бо баҳонаи наҳзати шиаю сунӣ муслимин якдигарро мекушанд...

Кушки амири Темури ланг. Ҳуҷраи ороставу пуршукӯҳи барҳаво. Дар курсии зарҳалин, аз боло, амир Темури Курагон нишастааст. Дар паҳлуи ӯ қозикалону мансабдорон, дарбориёну надимон ҷой гирифтаанд. Хизматгор ба ҷоми тиллоии амир Темур шароб мерезад, дуртар раққосону ромишгарон нишастаанд. Ин дам надиме назди амир Темур омада хабар дод:

– Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ташриф овардаанд ва орзуи дидори шоҳамро доранд.

Аҳли дарбор гузашта дар ҷойҳои худ нишастанду Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба ҳузури амир Темур даромад. Баъзе хидматгорн бо дидаи ҳайрат ба ин марди одиву нуронӣ менигаристанд. Ҳукамою уламо чун нишони эҳтиром даст пеши бар гирифта, гӯё иззату эхтироми Алии Ҳамадониро ба ҷо оварданд. Баъд «Домулло пеш гузаранд,» гуфта, ба якдигар роҳ медоданд. Ин эъзози аз андоза берун басо тӯлонӣ идома ёфт, вале ҳозирон бо ҳисси кунҷковӣ нигарони он будаанд, ки Алии Ҳамадонӣ кай дар чойи ба худаш муносиб менишинанд. Шоҳ шунида буд, ки ҳеҷ гоҳ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пушт ба қибла намешинад, аз ин рӯ, ӯро қасдан пушт ба қибла шинонд ва бо ғурур гуфт:

– Медонистам, ки ту ҳаргиз пушт ба қибла намешинӣ? Барои чӣ имрӯз ин расмро шикастӣ?

– Ҳар касе, ки рӯ ба Шумо меорад ё рӯ ба рӯятон мешинад, бешак, пушташ ба қибла хоҳад буд,- рамузгирона посух дод Алии Ҳамадонӣ.

Темури Ланг ба чеҳраи нурониву нигоҳи хирадбори хамсуҳбаташ дида дӯхта, бо эҳсосе саршори тааҷҷуб аз дил гузаронд: «Охир ин дарбориён ӯро ба дигар тариқа ба ман муаррифӣ карда буданд. Аз рӯи илми қиёфашиносӣ мусаллам аст, ки мардест солору бузург ва донишманд. Ӯ лоиқи ҳар гуна тавсифу дастгирист, вале, ку бубинем, худаш чӣ мегӯяд?» Ва гӯё якбора чизеро ба хотир оварда пурсид:

– Шунидам, ки гӯё барои ба даст овардани қудрату шуҳрат талош дорӣ?

– Ман ба моли ҳарду ҷаҳон эътиное надорам. Ҳама моли дунё бар ман арза гардидааст, вале аз пазируфтани он худдорӣ кардаам ва мақсудам танҳо ризои Худованд аст,- посух гардонид оромона Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Темури Лангро ин посух хуш омаду хост бо ин мусоҳиби дунёдидааш суҳбатро идома диҳад. Пурсид:

– Ай марди бузург, салтанату ҳукуматдориро чӣ гуна мебинӣ?

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ лаҳзае чанд ба тиреза дида дӯхту баъд бо таҳаммул ба ӯ посухи суолашро гардонид:

– Мо рӯ ба охират овардаем, дунёро толиб нестем. Шоҳон бояд пеши роҳи муҳтоҷӣ бигиранду набигзоранд, ки дар мулкашон нафаре аз гуруснагӣ ё нодорӣ азият бикашад…

Подшоҳӣ завқи маънӣ бурдан аст,
Не ба зӯру зулм дунё хӯрдан аст.
Гар чу курсӣ сарфарозӣ боядат,
Тарки мулку нонамозӣ боядат.
Филмасал,гар сад ҷаҳон аст они ту,
Он чӣ бифристӣ ту,он аст они ту.
Гар дар ин раҳ банда,гар озодай,
Менабинӣ он чӣ нафристодай..
Чун ту дар дунё накардӣ кори соз,
Дар қиёмат чун шавӣ аз аҳли роз!

– Шоҳон бо зарби шамшер ва хунрезӣ мулкро ба даст меоранд. Чӣ илоҷ, ки давлатдорӣ ҳаминро талаб дорад,- ҳарфи ӯро бурида гуфт Темури Ланг..

– Дар дилхоҳ мулк агар золиме ба зулм, фосиқе ба фисқ, хоин ё хиёнатпешае ба хиёнат машғул гардаду ҳоким аз ҳоли раияти худ хабар нагирад ва пайи нафси аммора бошад, фардо ба азоби алим гирифтор хоҳад шуд,- таъкид намуд Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ…

Шоҳ боз суол кард:

– Шунидам, ки муддате дар Кашмир ба сар бурдаӣ?

– Аз ҷониби Ҳақ таолло маъмур будам, ки дар Кашмир аҳли он сарзаминро ба ислом

далолат кунам. Бад- ин хотир дар он ҷо мадрасаҳо бино карда, шогирдону муҳасиллинро тарбият намудам,- гуфт Алии Ҳамадонӣ.

Амир Темур аз ин посух ранҷид ва ба чеҳраи мусоҳибаш дуру дароз дида дӯхта, бо алам гуфт:

– Чаро даъвати моро қабул надорӣ ва ба дарбор наздик намешавӣ?

– Шоҳам, аз Шумо пинҳон намекунам: синни ман ба ҷое расидаву пир шудаам, феълан, танҳо ба таълиму тадрис машғулам. Мехоҳам боқии умрамро сарфи кутубату таҳияи кутуби исломӣ, омӯзиши осори авлиёву анбиё бинмоям…

Амир Темур аз курсӣ поён шуда, ҳамроҳи Алии Ҳамадонӣ дар ҳузури дарбориён, ки бо таҳайюр аз онҳо чашм намекананд, андешамандона қадам зад. Хеле ба фикру хаёл фурӯ рафт, тадбиру чора ҷуст! ва оқибат ба ӯ нигоду гуфт:

– Хуб, алъон ба Ҳамадон баргардед, агар лозим шавад, мо шуморо боз ба ҳузурамон, ба маҷлиси уламову удабо даъват мекунем.

Амир Темур баъди мулоқот бо Алии Ҳамадонӣ ба ҳуҷраи хоссааш гузашт. Мулоқот бо ин орифи замон, пири тариқат ӯро ором намегузошт. Гаштаю баргашта ба худ суол медоду дар ёфтани ҷавобҳояш мулзам мемонд. Охир, Амири Ҳамадонӣ, бешак, авлиё, пири хирад ва арбоби калому маонӣ будааст, пас чаро ӯро ба бидъату куфр гунаҳкор мекунанд? Ин дам надимаш ба чеҳраи ғамноку парешони шоҳ нигариста, бехотир ба наздаш омада гуфт:

– Олампаноҳ, амр диҳед, ӯро дар роҳ ба қатл мерасонем?

– Не, ҳаргиз аз ман чунин амрро интизор нашавед! Бигузор зиндагӣ кунад, охир ӯ мардест соҳибмаърифат, ному мартабааш бузург аст ва қатлаш муҷиби изтиробу норозигии мардум хоҳад шуд,- қатъиян рад намуд пешниҳоди ӯро амир Темур ва таъкид намуд.- Ин фикрро аз саратон дур андозед ва ҳаргиз ба хотир наоред!

***

Алии Ҳамадонӣ дар мадраса бо толибилмон суҳбат мекард. Ӯ аз боби қаноату нафс ҳарф мезаду бахшҳои алоҳидаеро аз асараш- «Захират- ул- мулук» қироат мекард. Эҳсос намуд, ки пайравонаш ба ӯ суоломез нигоҳ мекунанд. Зуд дарёфт, ки мехоҳанд аз натиҷаи мулоқоташ бо амир Темур чизе бишнаванд. Ин дам ҷуръат намуда, муриди арзандааш Ҳусайни Симнонӣ суол кард:

– Пирам, дар суҳбат амир Темури Лангро чӣ гуна дарёфтед?- ва идома дод.- Шунидаем, ки шахсест бисёр маккору ҷаррор ва барои ба мақсади худ расидан аз ҳеҷ пастӣ рӯ намегардонад? Агар чунин бошад, мо ҳам бояд ҳатман ҷилои Ватан кунем, дар акси ҳол ин золим ба ҳар амал қодир аст. Устод, Шумо моро роҳбаладӣ кунед, то аз ин гирудорҳо дар амон бимонем.

– Оре, азизони дилам, акнун фурсати Ҳамадонро тарк намудану азми сафари Кӯлоби вилояти Хатлонро пеш гирифтан фаро расидааст, аз ду сар Темурланги хунхор ба мо раҳм нахоҳад кард,- хулоса намуд Алии Ҳамадонӣ ва баъди сукути тӯлонӣ дастур дод.- Ҷои истихола нест, бо аҳли оила ва шогирдон худи ҳамин шаб ба роҳ мебароем, албатта, агар онҳо розӣ бошанд. Ҳа, фаромӯш накунед, китобу дастхатҳоямро бо худ бигиред.

– Мо қавл додаем, ки ҳеҷ гоҳ шуморо тарк нахоҳем кард. Ҳозир рафта Шайх Қавомиддини Бадахширо низ огоҳ мекунему баъд ба роҳ мебароем,- гуфт Шайх Сулаймон.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гуё маротибаи охир бо зодгоҳ ва мадрасаи бунёдкардааш видоъ мекарда бошад, бори дигар ба лавҳу китобҳои нодир ва ҳуҷраҳои мадраса дида дӯхт ва сипас ба рӯ ҷониби қибла гардонда, зери лаб оётеро аз Қуръони маҷид қироат намуд. Муридон пай бурданд, ки пирашон бо ин амали худ бо шаҳри азизаш- Ҳамадони бузург падруд мегӯяд. Пирашон баъди даме сукут варзидан ба ёронаш ру оварда гуфт:

– Шумо асло хавотир нашавед, мардуми Кӯлоб ҳаргиз намегузорад, ки мо хор шавем. Онҳо мардуми нек ва бо ору номусанд, аҳли илму адаб ва дину фарҳангро гиромӣ медоранд…

***

Фасли баҳор ҳамон сол хеле барвақт омада буд. Дашту пуштаҳо қабои сабзгун ба бар карда, ниҳолони бодом, олучаю зардолу аллакай гул баста буданд. Мардуми хиттаи Кӯлоб ба замин, обу хок, боғу бӯстон ва обчакорӣ дилбастагии хосса доранд. Алии Ҳамадониро қатори пайвастаи олучаҳои худрӯй писанд омад. Ӯ баҳори Кӯлобро сахт дӯст медошту аксари вақташро ба сайр кӯҳу дара ва тамошои боғу чаман мегузаронид. Ана имруз ҳам аз шаҳр берун шуда, ба мавзеи Тудакафш омад, то бо боғпарварон аз наздик суҳбат бикунад, ба қавле ғубори дилашро бизудояд. Охир айёми ҳиҷрату сафарҳои тӯлонӣ ҳам бигзаштааст. Аз пайроҳаи алафпӯш гузашта, ба назди одамон омад. Гурӯҳе ба шинондани гулу буттаҳо машғул буданд. Онҳо Алии Ҳамадониро аз дур шинохтанду даст пеши бар ба истиқболаш шитобиданд.

– Баракат ба касбу коратон, Худо ризқатонро зиёдаву фаровон гардонад,- даст ба дуо

бардошт бузургвор..

– Саломат бошед, ҳазрат!- гуфт боғбони пир.- Чи саодату ифтихори бузурге насиби мо, деҳқонон, гардидааст, ки пири тариқат Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба користонамон ташриф овардаанд!

– Ман тамошои табиати Кӯлобро дӯст медорам, чӣ қадар фараҳфизост шунидани суруди мурғакону булбули шӯридадил, қаҳ- қаҳи кабкони дариро намегӯед,- бо ифтихор нидо кард Ҳамадонӣ.

Ин дам боғбони қоматбаланди сиёҳчурда, ки чеҳраи офтобзадае дошт, кабки зебоеро аз бағалаш бароварду бо эҳтиром даст пеши бар ниҳода, ба ӯ мурочиат кард:

– Ҳазрат, ман як кабки дастомӯзе дорам, ки хониши хубе дорад, онро ба Шумо ҳадя карданиам. Агар онро аз ман қабул фармоед, сарам ба осмон мерасад.

Алии Ҳамадонӣ ба кабки нозанин, ки дар дасти боғбон нишаста, ба атрофу атрофиён бо ҳайрат нигоҳ мекард, назар кард. Соҳибаш онро хору мол намуд, парандаи беозор аз ин лаззат бурда, якбора ба хониш даромад. Хониши кабк басо дилнишин буд ва ҳамранги оҳанги фалак Алии Ҳамадониро мафтуни худ намуд.

– Чӣ овози дилнишине дорад ин мурғаки зебои беозор!- аз хониши кабк ба ваҷд нидо кард Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва аз боғбон пурсид:- Шояд аз фироқи ҳамҷинсонаш нола мекунад ва онҳоро ба наздаш мехонад?

– Не, ҳазрат. Ин кабк дастомӯз асту ба инсон сахт одат кардааст, қафасро хуш надорад. Бештар дар ҳавои кушод мегардад, аммо ҳаргиз дур парвоз намекунад,- гуфт боғбон ва ба Алии Ҳамадонӣ дида дӯхта идома дод.- Бузургвор, бигузор ин кабки доно минбаъд дар хонаи Шумо бошад. Туҳфаи мани ихлосмадатонро қабул фармоед.

Алии Ҳамадонӣ аз муносибату эҳтироми ин боғбон чунон хурсанд гардид, ки роҳравон, ҳини бозгашт ба шаҳр, аз хониши кабк ба ваҷд омада, шукр аз доди Илоҳӣ мекард. Ба ҳавлиаш даромада, кабкро дар ҳуҷрааш сар доду бо қалби саршор аз шодию фараҳ қабл аз ба мутолиа пардохтан бо шукргузорӣ аз Яздони пок зери лаб дуокунон гуфт:

– Аҷаб сарзамини бобаракат будааст Кӯлоб. Минбаъд тақдири ман ба тақдири ҳамин мардум пайванд аст. Акнун ба тоату ибодат машғул шуда, пайи тарбияти муридон бубояд заҳмат кашид. Охир, то ин дам як ҳазору чаҳорсад авлиёи комилро дарёфтам ва аз ҳар кадоми эшон насибае баргирифтам, аз он ҷумла чаҳорсад авлиёро дар як маҷлис дидам ва ҳар яки онҳо навозишам карданду исме аз асмоуллоҳро, ки кушоиш ва фатҳи тариқати эшон аз он шуда буд, ба ин заиф ато фармуданд ва аз он касиру– ул- баракот фаровон баҳра баргирифтам ва ин асарамро «Авроди фатҳия» ном гузоштам. Рисолаи «Таърихи Хатлон»- ро ҳам бояд ба поён бирасонам. Албатта, бо ризои Ҳақ таоло инро ҳам анҷом хоҳам дод…

Суханаш нотамом монд. Ин дам дари ҳуҷраро кушода, муриди вафодораш Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ иҷозати вуруд пурсид:

– Ассалому алайкум, пири бузургворам!

– Марҳамат, ку биё, ҷигарбандам, пазмонат шудаам!

– Аз зодгоҳам- Муъминобод омадам. Шунидам, ки устод таълифи асарашон- «Авроди фатҳия»- ро анчом додаанд?

– Беш аз бист соли умрам дар мусофират гузашт. Дар ин сафарҳо бо авлиёву шайхони аҳли тақво ва шахсиятҳои маъруфи олами ислом ошноӣ доштам.Ва ин рисола натиҷаи ҳамин сафарҳост.

– Устод, чӣ боис шуд, ки баъди таълифи асарҳои бузургатон- «Захират- ул-мулук», «Миръот- ут- толибин», «Машориб- ул- азвоқ», « Рисолаи дарвешия» китоби нодири «Авроди фатҳия»- ро иншо намудед!

– Ин рисола, иншоаллоҳ, дуои кушоиш аст ва дар худ тариқату таҳамулпазириро фаро гирифтааст,- гуфт Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва андешамандона абёти зеринро қироат намуд:

Зи дарёи шаҳодат чун наҳанги Ло барорад сар,
Таяммум фарз гардад Нуҳро дар вақти тӯфонаш…

Ин дам шогирдони дигараш Ҳусайни Симнонӣ, Шайх Сулаймон, Сайид Фирӯз ва Рашиди Ҳаққонӣ ба ҳузураш даромаданд, ба суҳбат пайвастанд. Алии Ҳамадонӣ шогирдону пайравонро дар паҳлуяш дида, бо эҳсоси фараҳмандӣ гуфт:

– Мавзӯи суҳбати мо сабру имон ва таҳамулпазирист. Ку, азизам Симнонӣ, дар ин боб чӣ андеша дорӣ?

Симнонӣ даст пеши бар ниҳода посух гардонид:

– Дар ояҳои Қуръони карим Худованд фармудааст, ки подоши аъмоли ашхоси пурсабру баимон неъмати бебаҳост ва имонро ду рукн бошад: яке яқин, дуввум- сабр. Пас месазад, ки сабрро нисфи имон донист.

– Бале, танҳо сабру таҳаммул инсониятро аз нафси аммора нигоҳ медорад ва сабр на танҳо дар балову мусибат, балки дар хушҳолӣ низ зарур мебошад. Дар ин маврид ман шеъре ҳам гуфтаам,- афзуд Алии Ҳамадонӣ ва оромона онро қироат намуд:

Гар саги нафси ту ба фармони туст,
Хоҷа яқин дон, ки биҳишт они туст.
Душмани туст ин сагу аз саг батар
Ишваи душман, ту аз ин пас махар.
Аз чараси сабр баровар ғирев,
Бандаи дин бошу на муздури дев.
Сар зи ҳаво тофтан аз сарварист,
Тарки ҳаво қуввати пайғамбарист.

– Дар осори алоҳидаатон, устоди бузургвор, Шумо низ ибодат намудан ва парҳез кардан аз корҳои номашрӯъро василаи тазкияи нафс ва тақвиятбахши сабру таҳаммул донистаед, лекин ин дам абёти қироатнамудаатон то чӣ андоза таъсирбахшу нишонрас буданд.

Алии Ҳамадонӣ бо камоли ифтихор ба чеҳраи шогирдонаш дида дӯхта, дар банди фикру андеша будани шогирдаш Хоҷа Исҳоқи Хатлониро дида пурсид:

– Хоҷа Исҳоқ, мебинам, ки дар банди андешае фитодаӣ. Агар гуфтание дошта бошӣ, бифармо!

– Устод, ман ҷуръат карда, шеъри ба тозагӣ эҷоднамудаамро ба Шумо бахшидам. Агар иҷозаам бидиҳед, онро дар ҳузуратон қироат менамоям,- арз намуд Хоҷа Исҳоқ.

– Шояд дар маҳфили дигар, баъдан, то ҳанӯз банда кори шоистае анҷом надодаам,- рад намуд Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ даст болои сина гузошта, такроран изҳори хоҳиш намуд:

– Пирам, охир мо эҷоди шеъру шеъргӯиро ҳам аз Шумо омӯхтаем. Ҳоло танҳо инояту як каф дуоятонро ҳосил кардан мехоҳам ва беҷуръатона ба қироати шеъраш оғоз намуд. Ва ин аст ҳамон чанд байт:

Дигар шайх шайхам, ки ӯ Сайид аст,
Алӣ ному Алвандия мавлид аст,
Бигашт ӯ ҷаҳонро саросар се бор,
Бидид авлиё чаҳорсад бо ҳазор,
Намудаст панҷоҳ сол ихтиёр,
«Туҷофи зи маҷеҳ» зиҳӣ, марди кор!

– Аҳсант, Хоҷа Исҳоқ, аҳсант! Самимӣ гуфтаӣ, вале мо сазовори ин гуфтаҳоят нестем,- гуфт Алии Ҳамадонӣ ашкашро номаълум аз чашмонаш кард ва бо муридонаш хайрухуш намуд. Эшонро то дарвозаи ҳавлиаш гусел карду вориди ҳуҷраи хоссааш гардид. Мехост лаҳзае бо китобҳояш танҳо бимонад, вале ин дам дарро кушода, ҳамсари меҳрубонаш Офтоби Тобон ба ҳуҷра даромад. Эҳсос мешуд, ки чизе сахт ба ҳаяҷонаш овардааст. Сир бой надод, табассумкунон ба марди хонааш рӯ оварда гуфт:

– Ассалому алайкум, бузургворам, баъди суҳбат бо шогирдон ба Шумо халал нарасондам?

– Чиҳо мегӯед? Охир шодам, ки мисли Шумо бонуе бофарҳангу хирадманд дорам. Барои бандаи Худованд аз ин дида бахти баландтаре магар ҳаст?!

– Мирсайид, ман рисолаи «Чиҳил асрор»- и Шуморо мутолиа кардам. Дарёфтам, ки ҳамсари меҳрубони ман ба ҷуз олиму мутафаккири маъруф буданашон дар эҷоди шеър, арҷ гузоштан ба каломи бадеъ ва эътирофи касби шоирӣ ҳам хидмати беҳад карда будаанд,- изҳори хурсандӣ намуд Офтоби Тобон.

– Азизам, Шумо аз ҳад зиёд маро ситоиш мекунед. Охир ман ин шеърҳоро ҳангоми фароғат дар пояи осори илмиям иншо кардаам.

– Ғазалҳои Шумо на танҳо орифона, балки саршор аз ишқи поки инсонӣ мебошанд. Чунин ашъорро танҳо шоири асил суруда метавонад,- гуфт Офтоби Тобон ва бо шавқ ин рубоиро қироат намуд:

Диле, к- ӯ аз ғами ишқаш сари мӯе хабар бошад,
Зи ташрифи балои дӯст бар вай сад асар бошад.
Гадоеро, ки бо султони беҳамто бувад савдо,
Дилаш пайваста решу айш талху дида тар бошад.

– Мебинам, ки Шумо танҳо барои шеърхонӣ наомадаед, аз чизе дар банди изтиробу ҳаяҷон афтодаед. Чӣ шудааст?- пурсид Алии Ҳамадонӣ бо меҳр ба ҳамсараш назар карда.

– Мирсайид, азизам! Чандин сол сафарҳоятон басо тӯлонӣ буданд. Аз бозе, ки дар Кӯлоб зиндагӣ мекунем, Шумо танҳо ба тарбияти шогирдону таълифи рисолаҳо машғулед…

– Бале, мақсади ман ҳам дар умри кӯтоҳам тарбияту таълими шогирдон аст,- сухани ҳамсарашро бурида иброз дошт Алии Ҳамадонӣ.

– Ман ҳам дар бораи яке аз шогирдонатон ҳарф задан мехоҳам,- арз намул Офтоби Тобон.

– Равшантар фаҳмонед, наход аз онҳо кӯтоҳие гузашта бошад!?- пурсид Алии Ҳамадонӣ дар изтироб афтода.

– Магар Хоҷа Исҳоқ аз ҷумлаи беҳтарин муридони Шумо нест? Охир илму ҳунар ва фазилаташро пайваста ситоиш мекунед- ку…

– Бале, Хоҷа Исҳоқ аз деҳаи хоҷа Алишоҳ, яке аз зеботарин мавзеъҳои Муъминобод, аст. Ҷавонест қуръонхону бомаърифат,- ҳарфи ӯро боз бурида, таъриф кард муридашро муршид.

– Ман сиреро дигар дар дилам нигоҳ дошта наметавонам. Охир духтарамон ҳам азоби рӯҳӣ мекашад, вале розашро ба касе намегӯяд,- ба зӯр арзи дил кард Офтоби Тобон.

Алии Ҳамадонӣ дид, ки ҳамсараш қудрати матлабашро то ба охир гуфтанро надорад, ба ӯ рӯ оварда фармуд:

– Худатонро ба даст бигиред, шарм накунед, бигӯед- ку, чӣ гуфтание доред?

– Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ҳамин ҷавон духтарамон Моҳи Хуросонро дӯст медорад,- хиҷолатомез гуфт Офтоби Тобон.

– Ман ҳам инро пай мебурдам, ҳарду хеле шармгинанд, аммо нигоҳашон рози пиҳони дилашонро фош месозад,- гуфт Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

– Охир меҳру шафқат, шарму иффат аз хислатҳои писандидаи духтарамон Моҳи Хуросон аст ва ҳарду илму фарҳанги исломиро мепарастанду ишқи худро ошкор намекунанд.

– Чӣ илоҷ, дар ин маврид дуои модар зарур аст, зеро Расули акрам дар як ҳадисашон фармудаанд:

– Дуои модар зудтар мустаҷоб мегардад.

Пурсиданд:

– Чаро?

Расули Худо гуфтанд:

– Барои он ки модар дар нисбати фарзанд аз падар меҳрубонтар аст ва дуои меҳрубон рад намешавад……

Офтоби Тобон бо хотири осуда аз ҳуҷра берун шуду Мир Сайид Алии Ҳамадониро фикру андешаҳои дигаре домангир гардиданд. Танҳо хониши кабки дастомӯз, ки аз як гӯшаи ҳуҷра парида, дар болои зонуи ӯ нишаст, ӯро аз банди олами андешаҳояш раҳонид. Кабк таги болҳояшро бо минқор тоза мекарду мехиромид. Ӯ кабкро силакунон воқеоту рӯйдодҳои солҳои охир ба сараш омадаро ба хотир оварда, зери лаб пичиррос зад:

– Барҳақ, Кӯлоб мулки хушобу ҳаво асту Муъминобод шикоргоҳи шоҳон. Ман дар ин ҷо бахту тахти худро ёфтаам. Бигузор духтарам низ бахташро дар ҳамин ҷо ёбад…

Ин дам муриди дигараш Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ вориди хона шуда, аз муршидаш пурсид:

– Устод, маро даъват кардед?

– Ҳа, қариб фаромӯш карда будам. Охир мо азми сафари Муъминобод доштем, то оромгоҳи ҳазрати Шоҳи Хомӯшро зиёрат намоем.

– Пирам, чанд рӯз аст, ки дар он ҷо моро Хоҷа Исҳоқ бетоқатона интизор аст.

– Набошад ҳоҷат ба истиҳола нест, ҳозир ба роҳ мебароем,- гуфтМир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

***

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чанд рӯз дар Муъминобод таваққуф намуда, нахуст мақбараи ҳазрати Мир Сайид Ҳасани Исфаҳонӣ, мулақаб ба Шоҳи Хомӯшро зиёрат кард. Усули сохтмони оромгоҳ дар назараш хеле аҷиб намуд. Хишту сангҳои мақбара бо нақшу нигор оро ёфта, аз ихлосу садоқати мардум ба ҳазрати Шоҳи Хомӯш дарак медоданд, аз ин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хурсанд гардид. Рӯзи дигар, баъди адои намози бомдод, Алии Ҳамадонӣ ва пайравонаш ба мадрасаи Муъминобод омаданд. Дар ин ҷо ҳам синфхонаҳои аз санги мармар сохтаву деворҳои кабудранг, ки бо хатти куфӣ зебу зиннат ёфта буданд, хотири ӯро сурур бахшиданд. Гулбоғу ҳавозаҳои ангур ба таълимгоҳ шукӯҳи дигаре мебахшиданд. Меҳмони олиқадр ба назди китобҳо рафта, онҳоро як- як ба даст гирифта, маънидорона гуфт:

– Ана ба ҳамин монанд мадрасаро мо дар Кӯлоб ҳам бунёд кардем. Ҳазрати Мир Сайид Ҳасани Исфаҳонӣ, мулақаб бо Шоҳи Хомӯш, низ дар замонаш соҳиби чандин муассисаҳои таълимӣ дар Мӯъминобод будаанд.

– Пирам, ана Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ ва дигар пайравони Шумо ҳам омаданд!- хабар дод нафаре аз муридони ҷавон.

Хоҷа Исҳоқ бо эҳтироми хоссае «Хуш омадед, бузургворам, мардуми Муъминобод дер боз ташнаи дидори Шумоянд»,-гӯён онҳоро ба сахни мадраса даъват намуд.

Алии Ҳамадонӣ, ки табиати зебои Муъминобод ва муносибати мардуми он мафтунаш

карда буданд, бо камоли мамнуният гуфт:
– Аҳсант, маро ободии мақбараи Шоҳи Хомӯш хеле шод гардонид. Ин мадраса басо хуб обод ва аз нав эҳё шудааст. Акнун бигӯед: ҳоло дар ин мадраса чи миқдор ҷавонон таълим мегиранд?
Хоҷа Исҳоқ даст пеши бар ниҳода посух гардонид:
– Пирам, алъон дар ин мадраса қариб шаст нафар сабақ мегиранд ва ба онҳо на танҳо Қуръону ислом, балки фанҳои ҳандаса, ҷуғрофия, нуҷум, фарҳангу тибро ҳам меомӯзонанд.
– Дар мадраса оё китобу дастур мерасад ва устодон дар куҷо таълим гирифтаанд?
– Китобу васоити таълимро аз Бухоро, Самарқанд ва Кобулу Эрон меорданду кулли устодон хатмкардаи мадрасаҳои бузурги Ҳинду Исфаҳон ва Арабистонанд.
Алии Ҳамадонӣ бо ифтихор ба ҳамроҳонаш нигариста, бо ҳисси қаноатмандӣ хитоб кард:
– Ана дидед! То кадом андоза таълиму тадрис дар ин гӯшаи кӯҳистон пеш рафтааст. Табиати зебою афсонавиашро намегӯед. Хаёлам ҷаннати рӯи замин аст.
Хоҷа Исҳоқ даст ба болои дил гузошта, бо эҳтиром гуфт:
– Пирам, Шумо ва ҳамроҳонатонро аҳли адаб ва пайравони роҳи тариқат интизоранд!
– Меравем, албатта!- гуфт Алии Ҳамадонӣ ва онҳо суҳбаткунон ҷониби таълимгоҳи асосӣ қадам заданд.
Сару либоси фохир ба қомати расои меҳмони азиз шаҳомати тоза бахшида буд ва аз чеҳраи ӯ гӯиё нур меборид. Онҳо ба дарсхонаи барҳавое ворид гардиданд, ки дар он муридону пайравони Алии Ҳамадонӣ ӯро интизор буданд. Дар толор маҳфили хоссаи адабӣ- эҷодӣ баргузор шуд. Хоҷа Исҳоқ маҳфилро ифтитоҳ намуда гуфт:
– Пирам, Шумо дар рисолаатон «Захират- ул-мулук фармудаед: «Бидон, ки ҳар чӣ дар ҳаёти суварӣ ба одамӣ мерасад, аз ду қисм холӣ нест: ё марғуби нафси ӯст, ё макрӯҳ. Ва одамӣ дар харду ҳол аз сабр мустағнӣ нест».
Муриди дигари бузургвор Нуриддин Ҷаъфари Бадахшӣ даст пеши бар гузошта, бо ифтихор гуфт:
– Ҳазратам, Хоҷа Исҳоқ маҳфилро бо рисолаи шумо ҳусни оғоз бахшид. Агар дастури иҷоза бошад, банда онро бо чакидаҳои табъи равонатон идома бидиҳам,- ва чун ризояти муршид ҳосил кард, суханашро идома дод.- Инак, намунае чанд аз рубоиёти безаволу пур аз ҳикмати пирамон Мир Сайид Алии Ҳамадониро бишнанавед:
Ё Раб, зи карам бар мани дарвеш нигар,
Бар ҳоли мани хастаи дилреш нигар.
Ҳарчанд наям лоиқи бахшоиши ту,
Бар ман манигар, бар карами хеш нигар.
Аз ҳар гӯшаи дарсхона нидои таҳсину офарин баланд гардид. Алии Ҳамадонӣ ва муридонаш бо завқ мутаваҷҷеҳ шуда буданд ба қироати ашъор шакаррин. Ҳар нафар мехост аз ашъори меҳмони азиз Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ абёте бихонад. Маҳфил ба тадриҷ гарм мешуд ва шукӯҳи тоза мегирифт. Ҷавоне, ки пероҳани одӣ дар бар дошт, худро толибилми мадрасаи Муъминобод муаррифӣ карда, бечуръатона аз меҳмони арҷманд иҷозати шеършро пурсид:
– Агар иҷозат бошад, дар назди ҳазрат ман ҳам аз рубоиёташон чанд порае қироат наоям.
– Бифармоед, чеҳраатон гувоҳӣ медиҳад, ки шумо соҳиби табъи латифе ҳастед,-гуфт Алии Ҳамадонӣ.
Толибилм бо овози баланд ин рубоиро пеши ҳозирин қироат намуд:
На дида бувад, ки ҷустуҷӯяш накунад,
На кому забон, ки гуфтугӯяш накунад.
Ҳар дил, ки дар ӯ меҳри Илоҳӣ набувад,-
Гар пеши саг афкананд, бӯяш накунад.
ва шармгинона гашта дар ҷояш нишаст. Ҳозирин, ки мафтуни шеърхонии ӯ шуда буданд, ба таърифу таҳсинаш пардохтанд. Ҷавон аз ин рӯҳбаланд гардида гуфт:
– Ҳақиқатан, рубоӣ ниёишест ба Офаридгор, навъи шеъриест, ки инсон ба воситаи он муҳаббату садоқаташро ба Холиқи ягона мехоҳад бирасонад, аз амали некаш хушҳолу фурӯтан мегардад ва осори он дар тамоми узвҳои бадан ва ҳам кору кирдораш аён мешаванд. Ба воситаи рубоӣ фарзанди Инсон шукру сипосмандиашро барои неъматҳои ба ӯ арзонӣ доштааш ба Худованд арза медорад.
– Боракаллоҳ, писарам!- бо нидои таҳсин каломи ҷавонро истиқбол кард Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.
Толибилм аз ин ғамхории бузургвор ниҳоят хурсанд шуда, боз як рубоии дигарашро бо ҳиссиёти баланд қироат кард:
Ғамнокаму аз дарди ту бо ғам наравам,

Ҷуз шоду умедвору хуррам наравам.
Аз даргаҳи ҳамчу ту кариме ҳаргиз
Навмед касе нарафт, ман ҳам наравам.

– Офарин, сари моро ба осмон расонидӣ, ҷавони доно!- нидо кард Алии Ҳамадонӣ.- Бори дигар собит намудӣ, ки мардуми Кӯлоб дилбастаи шеъру каломи нобанд. Охир, беҳуда ватани мусиқии фалак, куртаву тоқии чакан ва мардони шерафкан ҳамин сарзамини родмардон набудааст. Шеърхонии Шумо дар худ ҳам зеру бам ва ҳам мусиқӣ дорад.

Чун ӯ суханашро ба охир расонид, мударриси мадраса ҷавони навхатеро ба наздашон хонда арз кард:

– Ин ҷавон ҳам дар гуфтору хониш беҳамтост ва худ низ шеър мегӯяд.

Ҷавон бо эҳтиром, даст пеши бар гирифта, гуфт:

– Мо ҳама пайравони шумоем, ҳазрат. Шеърҳои ман ҳанӯз пухта нестанд, аз ин рӯ, дастури иҷоза медодед, аз ашъоратон пораеро қироат мекардам.

– Бифармо, ҷавони нек! Ҳар касе ба шеъру шоир арҷ мегузорад, дастури иҷозати моро бо худ дорад,- гуфт бо фараҳмандӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

Ҷавон аз ин каломи шунидааш рӯҳбаланд шуда, оғоз намуд ба қироати шеър:

Дареғ, ин дардро марҳам надидам,
Умеди васл буд, он ҳам надидам.
Аз он коре маро суст аст бунёд,
Ки аҳди дӯстон маҳкам надидам.

Дилтангаму дидори ту дармони ман аст,
Бе ранги рухат замона зиндони ман аст.
Бар ҳеҷ диле мабоду бар ҳеҷ тане
Он -ч, аз ғами ҳиҷрони ту бар ҷони ман аст.

– Чӣ маҳфили зебову пурҷалол, офарин!- изҳори хушнудӣ намуд Алии Ҳамадонӣ.- Маълум, ки ба шумо устодон сабақи арзанда додаанд. Ташаккур, ки аз ашъори банда ҳам огоҳӣ доред. Фарзандонам, баробари омӯхтани улуми дақиқ ва ҳикмати исломӣ, донистани каломи мавзун шартест басо муҳимму зарурӣ. Охир бе донистани адабиёту фарҳанг, билхосса, шеъри ноб ҳаёт маънӣ надорад. Акнун мехоҳам як ғазали тозаэҷодамро бароятон қироат намоям:

Гар насими водии асрор хоҳӣ,тан гудоз,
В- ар таҷаллии ҷамоли ёр хоҳӣ, ҷон бибоз.
Тан чу зиндон асту ҷонат банди роҳи ҷони ҷон,
Ҷони ҷон гар боядат, бо банду бо зиндон масоз.
Ҳар ки ғайри ӯст, душман дон ту андар роҳ ӯ,
Дар ҳузури душманон бо дӯст натвон гуфт роз.
Шеваи риндони ин даргоҳ ҷонбозӣ бувад,
Чун ту ин бозӣ надорӣ, дар раҳи ӯ каҷ мабоз.
Пеши борони балои дӯст ҳар к- ӯ сар ниҳод,
Бар фарози торами улвӣ кунандаш сарфароз.

***

Имсол тирамоҳ барвақт омад. Дар кӯҳу дара ва атрофи Хатлон гиёҳу бутта, дарахтон хазон шуданду замин биёбони хушку урёнро мемонд. Дар кӯҳистон, ки макони диёри арчаҳои ёбоӣ ва гулу буттаҳои доругист, парандагону даррандагон ба домани куллаҳо фирор кардаанд. Мардум аз самари чормағзу олучаҳои худрӯйи бағали кӯҳҳои Чилдухтарону Хоҷамуъмин ризқи худро ҳосил мекарданд.

Табиати Кӯлоб дар фасли тирамоҳ низ дилнишину назараббост. Акнун деҳқонон ҳосили ночизи дастранҷашонро ғундошта, ба зимистон омода мешуданд. Рӯзҳои сардро мардум асосан бо «Шоҳнома»- хонӣ ва мутолиаи китобҳои диниву дунявӣ пушти сар мекарданд. Бахусус, шабона, баъди намози хуфтан то дами субҳ, китобҳои «Чор дарвеш», «Калила ва Димна», «Самаки айёр» ва Қуръони карим ва «Чор китоб»-ро мутолиа мекарданд. Дар чорбоғи канори мадраса, ки барги дарахтонаш аз таъсири насими сарди поиз рехта буданд, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ саргарми андешаҳои мубҳам гаштугузор дошт.

– Худоё, поко Парвардигоро! Чи гуна метавон дарди дилро пинҳон дошт? Охир, ислом инсонро ба покию сафо, таҳорати зоҳиру ботин ҳидоят мекунад. Худоё, ҳидоят намову қувватам деҳ, то ба иштибоҳ роҳ надиҳам. Охир, дар дилам ишқи доди Илоҳӣ, покиро мепарастам…

Дар ҳамин ҷо, баробари шунидани садои даричаи боғ, каломашро қатъ намуда, ба сӯи овоз дида назар афканд. Ин Моҳи Хуросон буд, ки пероҳани абрешимии бухороӣ ба бар, рӯймоли зарбофт дар сар ба боғ даромада буд. Аз нигоҳи беқарори чашмони сиёҳи меҳрбораш аён

мешуд, ки ба дидори маҳбуби дилаш омадааст. Ниҳоят нигоҳи наргиси масташ ба Хоҷа Исҳоқ афтоду дар лабонаш табассум гул кард ва сарашро набардошта, бо хурсандӣ ӯро истиқбол намуд:

– Ассалому алайкум, хоҷаи бузург!

– Воалайкуму ассалом, бонуи меҳрубон,- посух гардонид Хоҷа Исҳоқ.

– Худоё, хоҷаро дар паноҳат нигоҳ дор!

– Аз мадраса баромадед?- пурсид Хоҷа Исҳоқ

– Бале, хостам андаке ҳам бошад, хазонрези фасли поизро тамошо кунам.

– Ҳа, тирамоҳ аҷаб моҳи зебо аст, бубинед, ҳама буттаҳо пероҳани зард ба бар кардаанд,- гуфт Хоҷа Исҳоқ.

– Аммо баргҳои хазоншудаву аз шохаҳо афтида хаёл мекунам, ки аз дарди зери по шуданашон нолиш мекунанд. Мефаҳмед?- андешамандона пурсид Моҳи Хуросон

– Чӣ илоҷ? Қонуни табиат ҳамин аст, вале набояд аз дидани чунин манзара дилтанг шуд. Охир боз айёми сарсабзиҳо- баҳор меояд- ку?- гуфт Хоҷа Исҳоқ ва ба ӯ мурочиат кард.- Беҳтараш ягон шеъри ба тозагӣ азёднамудаатонро бароям қироат намоед.

Моҳи Хуросон шармгинона ба нуқтаи номаълуме чашм дӯхта гуфт:

– Хуб, бигузор гуфтаи Шумо шавад. Ман ҳоло як ғазали нави падарамро бароятон мехонам:

Зи акси рӯи ту ёбанд мақбулон ҳидоятҳо,
Зи хоки кӯйи ту бинанд масъудон саодатҳо.
Ту он анфоси раҳмонӣ, ки ҷонҳо аз дамат ёбанд,
Ту он дарёи ғуфронӣ, ки мешӯянд хиҷолатҳо.
Қабоҳатҳои феъли мо, ки саг з- он шарм медорад,
Ба ғайр аз пардаи иффат кӣ пӯшад он қабоҳатҳо?
Иноятҳои беиллат,ки бо ҳар муфлисе дорӣ,
Тасалло медиҳад дилро умеди он иноятҳо.

– Ваҳ- ваҳ, чӣ қадар олӣ! Гуё ки дар бораи мо гуфта шудааст. Охир, ишқу муҳаббати мо то кай пинҳон мемонад?

– Шумо гуфта будед, ки бештар ошиқи илму китоб ҳастед, ё …

– Акнун ошиқу дилдодаи Шумо гаштаам, намедонам ҳавои ишқ маро то куҷоҳо мебарад.

Чашмони Моҳи Хуросон дурахшиданд. Ӯ Хоҷа Исҳоқро самимона дӯст медошт, вале ғайрат намекард, ки дар ин хусус рӯирост ҳарфе бизанад. Атрофиён медонистанд, ки Хоҷа Исҳоқ ҳам ба Моҳи Хуросон дил бастааст.

– Боре ҳамроҳи падарам ба зодгоҳи Шумо- Муъминобод рафта будам. Аҷаб мулки зебову дилрабо будааст,- баъди чанде хомӯш нишастан гуфт Моҳи Хуросон.- Шуморо бори нахуст дар ҳамон ҷо дар суҳбати падарам дидам. Чунон бо муҳаббат ва самимият ҳарф мезадед, ки муридон дар ҳайрат монда буданд? Аз ҳамон рӯзҳо меҳратонро сахт дар дил дорам,- рози дил намуд Моҳи Хуросон.

– Чандест ишқи Шумо дар таълиму тадрисам қуввату илҳомам мебахшад. Наметавонам, лаҳзае бе ёди Шумо бошам, меандешам, ки кай ба дидори якдигар мерасем,- посух гардонид Хоҷа Исҳоқ.

– Падарам аз мухаббати мо огоҳанд,- гуфт оҳиста Моҳи Хуросон.

– Чӣ? Кӣ ба он Ҳазрат расонда бошад?- пурсидХоҷа Исҳоқ дар тааҷҷуб афтода.

– Модарам гуфтанд, ки он кас ҳам баояндаи мо назари нек доранд.

– Ин тавр бошад, Худо хоҳад, рӯзи мурод наздик аст, иншоаллоҳ.

– Хайр, дер шуд, ман меравам, дар хона модарам интизоранд.

– Як дами дигар сабр кунед, то аз дидоратон сер бишавам. Ҳа, қариб фаромӯш кунам: ана ин китобро бигиред, девони ашъори шоирони Кӯлоб аст. Охир Шумо мутолиаи шеъру достонро дӯст медоред- ку?!

– Ташаккур, албатта, мутолиа мекунам. Хайр, Худо ҳофиз!- гӯён Моҳи Хуросон бо маҳбубаш хайрухуш карда, ба хонаашон рафт…

***

Баъди анҷоми тоату ибодат ва намозгузорӣ Алии Ҳамадонӣ ба мадраса омад. Охир ӯ лаҳзае ҳам худро аз ҷараёни таълиму тарбияи муридону дигар толибилмон, ба онҳо омӯхтани аҳкоми исломӣ, дину тариқат дур гирифта наметавонист. Маърифти исломӣ ва рӯзаю намозро муҳим шумурда, пайи таълим заҳмат мекашид. Ана имрӯз ҳам ҳини суҳбат бо шогирдонаш нахуст шогирде, ки дар қатори аввал менишаст, суол дод:

– Устод, асари Шумо «Сайр- ут- толибин»- ро пурра мутолиа намуда дарёфтам, ки дар ҳаёт расидан ба ваҳдати вуҷуд басо сангин будааст.

Алии Ҳамадонӣ ба шогирдаш бо меҳр нигариста гуфт:

– Офарин, сар ба пояш менихам хар он касеро, ки ба кадри сухан мерасаду онро мепарварад. Бидон, ин асар барои соликони рохи тарикат иншо шудааст. Барои расидан ба дидори Хак таоло се мархала- шариат, тарикат ва хакикатро бояд тай намуд. Бигӯ, шогирди азиз! Кадом панду хикматхо аз он рисола макбулат афтоданд?

Шогирд аз посухи устодаш каноатманд гашта, бо сари баланд чанд панду андарро аз рисолаи ӯ кират намуд:

Озори кас махох, то озурда нашавӣ.

***

Бехудагӯиро сирри хама офатхо дон,

***

Тарки гунох гир, агар лукмаи халол хохӣ.

***

Дар тангихо сабр кун,то фарах ёбӣ,

***

Дурушти бигзор, то наздики хама дӯст гардӣ...

– Офарин, ахсант, дӯстам! Хунари кироат низ хамин аст. Шахси тавоно бояд дурри маънӣ чӯяд,- гӯён изхори миннатдорӣ кард Алии Хамадонӣ.

Аз миёни муридон Симнонӣ хамоно бекарорӣ зохир мекард. Ин холи ӯ аз чашми пираш пинхон намонд. Ӯ маънидорона сӯяш нигоххкунон гуфт:

– Мебинам, ки шогирди азиз Симнонӣ хам бо дасти холӣ наомадааст. Мархамат, навбати шумост.

– Маърифат ва сабру тахаммул шоистаи хар кору кирдор аст. Бояд инсон аз сарчашмаи маърифати соликон бенасиб набошад, чуноне ки Шумо, устоди бузург, фармудаед:

Хаст доим салтанат дар маърифат,
Чахд кун, то хосил ояд ин сифат.
Хар ки масти олами ирфон бувад,
Бар хама халки чахон султон бувад.

Алии Хамадонӣ ва муридону шогирдонаш хар сухани Симнониро бо диккат шуниданд. Охир ӯ аз чумлаи пайравони рохи тарикат буд ва кариб тамоми абёти шуарою удабои пешинро азёд медонист. Дилбастагии самимӣ ба осори устодаш водораш намуд, ки суханашро идома бидихад:

– Сарчашмаи асосии таълифоти устод Куръони карим ва аходиси набавӣ аст. Ва пири бузурги мо дар баёни таълимоти тасаввуфии хеш шеъру рубоиёти зиёде эчод намудаанд. Масалан, пирамон дар чое мегӯянд:

Эй, ки дар дунё нарафтӣ бар сироти мустаким,
Дар киёмат бар сиротат чои ташвиш асту бим.
Калби зарандуд настонанд дар бозори хашр,
Холисӣ бояд, ки аз оташ бурун ояд салим.

Алии Хамадонӣ аз шеърхонии муридаш ба вачд омада, бо хотири болида пешниход намуд:

– Азизонам, чӣ хуш аст баъди кироати шеър ва мухокимаи масъалахои илмиву ирфонӣ шунидани садои дилнишини дутори Ахмади Хушхон! Биёед, дакикае чанд аз хунари чаззоби ӯ бахра мебардорем.

Ин пешниходи ғайричашмдошти пирашонро хама бо хушнудӣ пазируфта, рӯ ба чониби Ахмади Хушхон гардонданд. Ахмади Хушхон хам сухани пирашро бо хурсандӣ кабул карду дуторашро ба даст гирифта, ба торхояш нохун зад. Калбхоро ба вачд овард савти хазини дутори Ахмади Хушхон. Тахти навои дилрешкунандаи фалак шогирдон сар ба сукут бурда буданд. Нахуст Алии Хамадонӣ аз банди сархушкунандаи навои фалак рахонида гуфт:

– Азизони дил, эхсос кардед кудрати навои фалакро? Ман дар аксои олам се маротиба сафар доштам. Дар Кашмиру Арабистон низ умр ба сар бурдаам, аммо дар ягон гӯшаи дунё мисли фалаки Кӯлоб мусикии чаззобро нашунидаам. Акнун хар кадомтон аз пайи кори худ шавед. Ман бо Хоча Исхоки Хатлонӣ сухбати хосса дорам.

Онхо бо дили нохохам махфили пирашонро тарк намуданд, вале аз чехраашон маълум хонда мешуд, ки аз сухбати ин марди шариф ба тамомӣ бархӯрдор нашудаанд.

***

Алии Хамадонӣ бо муридонаш падруд гуфту ба хучраи хоссааш даромада, кабки дастомӯзро чӯё шуд. Дид, ки кабк дар кунчи хучра орамидааст. Кабк хам хузури сохибашро хис намуда, чашмони зебояшро кушод ва бекаророна ба хониш даромад. Хониши кабк баъди шунидани навои фалак ба калбу рӯхи Алии Хамадонӣ як чахон кувват бахшиданд. Як гӯшаи дилаш равшан гашт ва дар кафи дасташ як мушт гандумро гирифта, кабкро садо кард. Лахзае баъд кабк дон мечиду минкорарo дар панчахои сохибаш молиш медод, гӯё бо ин амал ба ӯ

изҳори миннатдорӣ мекард. Муршиди Ҳақ ба кабк андармон шуда, даст пеши бар вориди ҳуҷра шудани Хоҷа Исҳоқро нафаҳмид.
– Ассалому алайкум, устоди бузургворам. Маро даъват кардед?
– Бале, шогирди азизам. Медонӣ, чанд сол боз дар Кӯлоб зиндагӣ дорам. Дар ин давра мадрасаҳо бунёд кардаму шогирдонро тарбия намудам, хуллас, ба Кӯлобу кӯлобиҳо сахт меҳр бастаам.
– Бале, устод! Хидмати Шумо дар омӯзишу таълими дину фарҳанг дар ин диёр хеле бузург аст.
– Аз миёни шогирдонам фазилату каромот ва дониши Шумо афзалтар мебошад. Шумо улуми дунявиро пурра аз худ намудаед ва мисли фарзанд бароям азиз мебошед.
– Ман ҳам аз Шумо барои заҳматхоятон беҳад миннатпазираму худро на танҳо шогирд, балки пайраву ҷигарбандатон медонам, устоди азиз.
– Офарин, аҳсант! Аммо дарёи зиндагӣ дар ситез асту умри одамӣ басо кӯтоҳ. Ҳамаашро медонам, ман низ ба издивоҷи шумо бо духтарам Моҳи Хуросон розӣ ҳастам. Ҳа, фаромӯш накунам, писарам Сайид Муҳаммад аз ин ба баъд дар назди Шумо илм меомӯзад. Маро дуруст фаҳмидед?!
Хоҷа Исҳоқ таъзим карду даст пеши бар ниҳода гуфт:
– Барои бовариатон ташаккур, пирам, лекин… аз уҳдаи таълими фарзанди дилбанди Шумо мебаромада бошам?
– Ман ба Шумо бовар дорам. Охир Шумо дар Кӯлоб ҷойгузини ман ҳастед. Акнун аз пайи омодагии тӯй ва пазироии меҳмонон бишавед…

***

Дар маъракаи арӯсиву домодии Моҳи Хуросон ва Хоҷа Исҳоқ, ки дар ҳавлии домод мегузашт, беш аз ҳама фалаксарои кӯлобӣ Аҳмади Хушхон хурсандӣ мекард ва ба шиносу ношинос мегуфт, ки ӯро ба тӯй худи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ даъват намудааст. Чунин тӯйи калонро дар Муъминобод то ҳол касе ба хотир оварда наметавонист. Аз Афғонистону Эрон, Бухорову Самарқанд, Хуҷанду Истаравшан, Кулобу Қӯрғонтеппа ва маҳалҳои атроф меҳмонон ба тӯй даъват шуда буданд. Волии Кӯлоб бори нахуст ба Муъминобод қадам ранҷа мекард. Ӯро шуҳрату овозаи муршиди пок Алии Ҳамадонӣ ва муридаш Хоҷа Исҳоқ ба ин ноҳия оварда буд. Дар гӯшае муридони бузургвор ба самоъ дода шуда, дастафшону пойкӯбон чарх мезаданд. Дар боло Аҳмади Хушхон нишаста фалаксароӣ мекард. Алии Ҳамадонӣ медид,ки савти фалак ба қалби хозирин нохун зада, дилҳоро ба хурӯш овардааст. «Ин аст қудрати фалаки кулобӣ!»- аз дил гузаронид ҳазрат ва ба ҳамсараш наздик шуда гуфт:
– Акнун аз ман розӣ ҳастӣ?
– Оҳ, чи қадар ин рӯзро интизор будам. Акнун онҳо хушбахт хоҳанд шуд!
– Иншоаллоҳ! Ҳарду ба мисли себи дукафон ба ҳам монananд. Худо онҳоро дар паноҳи исмати худаш нигоҳ бидорад!
Субҳи рӯзи дигар Алии Ҳамадонӣ барвақт аз хоб хеста, бо муридаш Шайх Қавомиддини Бадахшӣ намоз гузориду аз болои ҷойнамоз нахеста, ба тиловати Куръони карим машғул шуд. Муридаш ҳайрон шуд,ки чаро ҳазрат ба ҳуҷрааш нарафта, пойбанди фикру андеша зикри Худову расул кард? Тасбеҳ гардонда зери лаб оятеро такрор мекард. Алии Ҳамадонӣ сар бардошта дид, ки муриди содиқаш ҳанӯз ҳам лолу ҳайрон дар паҳлуяш нишастааст. Гуфт:
– Имшаб ҷамоли расули акрамро дар хоб дидам ва ӯ бо имо ҷониби Хонаи Худо ҳидоятам мекард. Медонӣ таъбири ин хоби раббонӣ чист?
Шайх Қавомиддини Бадахшӣ даст болои сина гузошта, китф дарҳам кашиду хомӯш монд.
– Иншоаллоҳ, сафар хоҳем кард ба Маккатулло,- бо камоли боварӣ гуфт Алии Ҳамадонӣ.
– Ҳоли зану фарзанд, пайвандону шогирдон ва толибилмони мадрасаҳои Кӯлоб чӣ мешавад, ҳазратам?- пурсид муридаш.
– Тарбияти нури чашмам- Сайид Муҳаммадро ба Хоҷа Исҳоқ бовар кардаам.Баъди адои ҳаҷ ният дорам, ки дубора ба Кашмир биравам, дар он ҷо маро интизоранд,- гуфт Алии Ҳамадонӣ.
– Пирам, охир Шумо дунёро се маротиба давр задаед ва дар шаҳрҳои Басраю Димишқ, Маккаю Миср ва дигар мавзеъҳои муқаддас ҳам будед- ку?!- хитоб кард Шайх Қавомиддини Бадахшӣ.
– Ин сафар ҳидоятест аз ҷониби Парвардигори азза ва ҷала. Ва дигар: тавофи Хонаи Худо насиби ҳар кас намешавад. Панҷ навъи бинои мусулмонӣ- закоти мол додан, панҷ вақт намоз гузоридан, калимаи шаҳодат бар забон овардан, рӯзаи моҳи шарифи рамазон доштан, тавофи Хонаи Худо карданро фаромӯш кардаӣ, азизам?- гуфт Алии Ҳамадонӣ ва ба ҳуҷрааш даромад.
Ҳамсараш Моҳи Тобон азми пешгирифтаи шавҳарашро фаҳмида, дар холе ки ашк аз

чашмонаш мерехт ва гиря гулӯгираш мекард, ба худованди манзили дунявиаш гуфт:

– Эй марди нек! Синнатон аз шаст гузаштаасту нисфи умри азизатон дар сафар сипарӣ гардида. Шояд акнун бароятон соати фароғат ва тарбияти шогирдон фаро расида бошад?

– Не, ман баъди адои ҳаҷ азм кардаам, ки бори дигар ба Кашмир биравам,- гуфт оромона Алии Ҳамадонӣ.

– Чаро?- пурсид Моҳи Тобон дар банди тааҷҷуб афтода.

– Ман ба рӯҳи авлиёу анбиёҳо савганд хӯрдаам, ки дар Кашмир исломро таҳким бубахшам.

–Чӣ гуна,бо кадом роҳ?- пурсид Моҳи Тобон.

– Ба воситаи таълим ва ба бандагони Худо талқин намудану ба эшон омӯзонидани дини мубини ислом.

– Кори дар Кӯлоб оғоз намудатонро кӣ анҷом медиҳад?

– Бовар дорам, ки минбаъд Хоҷа Исҳоқ дар Кӯлоб чароғи илму маърифатро фурӯзон нигоҳ медорад.

Чанд рӯз баъд Алии Ҳамадонӣ ба ҳамсару духтар, писараш Сайид Муҳаммад, домодаш Хоҷа Исҳоқ, хешу ақрабо, дӯстонаш ва мардуми Кӯлобшаҳр хайрбод гуфта, дар ҳалқаи чанде аз шогирдону муридонаш ба сафар баромад.

– Худованд дар паноҳаш нигоҳатон бидорад, омин!- даст ба дуо бардошта, фотеҳаи хайрашон дод Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ қабл аз сафар.

– Мадраса, тақдири писару духтарамро ба Шумо ва Шуморо ба Худо месупорам, азизам Хоҷа Исҳоқ!

– Осуда бошед, пирам,- гӯён пирашро фарзандвор ба оғӯш кашид.

–Худо ёру пирон мададгоратон. Насиб бошад, боз ба дидори ҳам хоҳем расид. Хайр, паноҳатон ба Худо!- арза намуд Алии Ҳамадонӣ.

***

«Боз ҳамон шаҳру деҳоти шинос, пайроҳаҳои пуршебу фарози кӯҳистон ва биёбону регзорҳои беҳудудро пушти сар бояд кард, дар акси ҳол тавофи Каъбатуллоҳ насиби кас намешавад. Роҳи санглохи Марву Нишопурро ҳам пушти сар намудан саҳлу осон нест»,- ба худ мегуфт Алии Ҳамадонӣ, ки то кунун аз мушкилоти чунин сафарҳои тӯлонӣ огаҳ буд.

Аз муридони содиқу вафодораш- Ҳусайни Симнонӣ, Шайх Қавомиддини Бадахшӣ, Шайх Сулаймону Сайид Фирӯз, Рашиди Ҳаққонӣ ва чанд тани дигар, ки дар паҳлуяш гом мезаданд, дилаш пур буд. Охир онҳо дар чандин сафарҳо ба кишварҳои дуру наздик ҳамсафари доимиаш буданд. Медонист, ки толибони ҳаҷро дар дар ҳама шаҳру деҳ мардум хуб пазирой хоҳанд намуд, аммо тундбодҳову мушкилоти роҳ ва регзорҳои беохир ҳаракати онҳоро мушкил месохт. Аз биёбонҳои беоб гузашта орзу доштанд, ки дар Нишопур ва маҳаллоти ободи атрофи он, албатта, мушкилашон осон хоҳад шуд, вале гумонашон ботил баромад. Шаҳру деҳоти замоне сарсабзу хуррам вайрону валангор буданд. Мардум, ки аз кашмакашҳои мазҳабӣ ва андози зиёду бедодгарии ҳокимони маҳаллӣ ба дод омада будан, имкони ба обчакорию кишоварзӣ шуғл варзидан надоштанд. Дидани ин манзараҳои даҳшатбори роҳ Алии Ҳамадониро хаста мекард. Куфти роҳ ва сару либоси чанд ҳафта об надидааш ҳолашро табоҳ карда буд, аммо сабру таҳаммул ва қаноат тавонгараш месохт. Рӯзи ба Сарахс расидан ёронаш тӯдаи мардуми ба истиқболи онҳо меомадаро дида, шукру сипос ба Худованд намуданд. Алии Ҳамадонӣ ҳам дидани нафарони либоси озода дар дошта шоду хуррам гардид. Сардори гурӯҳ ба чеҳраи нуронӣ, пероҳани куҳнаву фарсуда ва асои дасти бузургвор таваҷҷуҳ намуда, пеши ӯ таъзим кард ва даст ба сина гузошта гуфт:

– Ҳазрати хумоюнӣ, хуш омадед, Сарахс пойандозатон! Ҳокими шаҳр моро фиристоданд, ки шуморо истиқбол карда, то ба қасрашон гусел намоем.

Алии Ҳамадонӣ то ин лаҳза гумон мекард, ки ӯро танҳо дар Хатлону Ҳамадон мешиносанд ва овораш ҳам берун аз ин ду шаҳр ба мамолики дигар нарасидааст. Чун ба қасри ҳокими ин шаҳри сарсабзу обод расиданд, ӯву ҳамроҳонашро нахуст ба гармоба даровარданд.

– Ҳазорон шукр Худойро, ки ба ободӣ расидему имкони шустушӯй насибамон гашт,- гуфт бо табассум муридаш Симнонӣ, ки либосҳояш даридаву бӯии арақи бадан мекарданд.

Бо амри ҳоким ба Алии Ҳамадонӣ ва ёронаш либосу кафшҳои нав пӯшонданд. Аз ин лутфи ҳоким толибони ҳаҷ хурсандӣ мекарданд. Баъди ошомидани ғизо Алии Ҳамадониро ба ҳузури ҳокими шаҳр даъват намуданд. Ҳоким ба хотири меҳмони олиқадр аз тахти зарҳалинаш поён шуда, ҳазратро дар паҳлуяш шинонду гуфт:

– Мо асарҳои Шумо- ҳазрати хумоюнқадамро хондаем ва хидмататонро дар таҳкими дини мубини ислом, риояи талаботи сураву ояҳои Қуръони карим ва ҳадисҳои расули акрам қадр менамоем.

– Ташаккур, султони мукарам! Мо аз лутфу марҳамати Шумо шодем.

– Ба маърифату заковати Шумо саногӯем, бузургвор! Охир нисфи дунёро илми тариқат ва

фазилати шумо фаро гирифтааст,- гуфт ҳоким.

– Сарахсро ободу зеботар аз солҳои пешин дидем, мардум пайи кору ободӣ талош доранд, ки ин ҳама самараи ваҳдату ягонагии дину оин аст,- гуфт Алии Ҳамадонӣ.

– Султон ҳомиву роҳкушои дину мазҳаб асту талқинкунандаи мардум ба роҳи ҳақ.

– Султони бузург, дигар шоҳону амалдорон ҳам худро ҳомии дин гуфта, чӣ корҳои зиште намекунанд? Аксаран ба ғасбу ғорат даст зада, зиндагии мардумро талх месозанд.

– Чӣ илоҷ, баъзан ба хотири таҳкими пояҳои давлату давлатдорӣ, албатта, ба ҷангу лашкаркашӣ зарурат меафтад,- гуфт ҳоким ва бо дард идома дод.- Аммо набояд амнияту осудагии халқ ва мулкро фаромӯш созӣ.

– Мо дар роҳ бисёр деҳоти вайрону валангор ва мардуми саргардонро дидем, ки аз бедодии зимомдорони давр шикоят мекарданд, аммо сад афсӯс, ки касе ба додашон намерасид,- гуфт меҳмон ва пурсид.- Мардуми Сарахс ба кадом дин мансубанд?

– Ба дини мубини ислом.

– Пас сабаби низоъ миёни мазҳабҳои суниву шиа чист?

Ҳоким китф ба ҳам кашида, ба ҷои посухи суолро додан пурсид:

– Пирам, сабаби душмани пайравони ин ё он мазҳаб чист? Наход ҷаҳолату нодонӣ бошад?

– Бале, сабаби ин ҳама ҷаҳолату нодонии мо, бандагони Худо, аст,- гуфт бо ҳасрат Алии Ҳамадонӣ ва давом дод.- Охир ҳамаи ин мазоҳиб аз рӯи се фармудаи Илоҳӣ амал мекунанд: аввал имон овардан ба Худо ва ҳастии он, нафс ва абадият, зинда шудан баъди марг ва имон ба пайғамбарони Ӯ.

– Ва боз муҷиби ба Ҳақ расидан пайравӣ ва садоқат дину оини Ҳазрати Муҳаммад «с» аст,- гуфт ҳоким.

– Дӯстам, аз мулоқоте, ки дар ин чанд соат бо Шумо доштам, як ҷаҳон маънӣ бардоштам. Кош мисли Шумо ҳокимони одилу оқил дар ин дайри кухан зиёд бошанду мулк обод бигардад,- даст ба дуо бардошта гуфт Алии Ҳамадонӣ.

– Омин!- гуфт ҳоким.

– Акнун бо дастури Шумо, агар розӣ бошед, ба назди ёронам бармегардам. Охир мо дар сар фикри зиёрати Хонаи Худоро дорем ва роҳи дароз дар пеш интизори мост. - Ҳазрат, ман бори дигар бузургии Шуморо дидам ва худ дарёфтам, ки барҳақ аз ёрони Худоед ва барои пойдории дини мубини ислом заҳмат мекашед.

– Султонам, маро аз будаш зиёд таъриф накунед, камина ҳамагӣ як хидматгори роҳи тариқат ҳастам.

– Хоксорӣ накунед, ҳазрат. Охир мо осори илмиатонро мутолиа кардаему дар мадрасаи шаҳр толибилмон аз онҳо баҳра мебардоранд.

– Ташаккур, султонам!

– Мо дар ҳар амали Шумо тантанаи адолат ва садоқат ба фармудаҳои Ҳақ таолоро дидем, ҳазратам. Ин маблағи ночизро хамчун нишони эҳтиром аз мо қабул фармоед, ҳазрат. Дар ҳалли мушкилоти роҳи дароз лозим мешавад,- гӯён ҳокими Сарахс ба ӯ ҳамёнеро, ки пур аз зари сурх буд, ба дасти Алии Ҳамадонӣ дод...

***

Алии Ҳамадонӣ ва ҳамроҳонаш бо Сарахс ва мардуми меҳмоннавози он падруд гуфта, роҳашонро ба Макка давом доданд. Мушкилоти сафар дар пеш эшоноро интизор буданд. Шайх Қавомиддини Бадахшӣ кӯшиш мекард, ки кумак расон ва асои дасти пираш бошад. Алии Ҳамадонӣ дар зоҳир ғарқи тамошои муҳити атроф буд, вале ботинан побанди андешаҳо дар куҷоҳое «сайр» намекард. Шай Қавомиддин фурсатро ғанимат дониста, бо ӯ суҳбат оғоз намуд:

– Пирам, дар роҳи дароз хомӯшед, чӣ андешаҳо дар сар доред? Агар аз куфти роҳ монда шуда бошед, дам мегирем.

Алии Ҳамадонӣ ба чеҳраи шогирди азизаш бо меҳр нигариста гуфт:

– Не, ҳанӯз соати дамгирӣ нарасидааст, хаста ҳам нашудаам, балки хастагии ман аз бесомонии замона аст. Охир бубин, баъзе ашхос дар миёни мусулмонон тухми низоъ мекоранд, одамонро ба шиаву сунимазҳаб ҷудо карда, онҳоро ба хунрезӣ талкин менамоянд.

– Бале, пирам! Шумо ҳақ ҳастед. Охир беҳуда нагуфтаанд:

Ислом ба зоти худ надорад айбе,
Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусулмонии мост.

– Одамизод дар банди нафс гирифтор шуда, қудрати дидани ботинашро надорад,- гуфт бо таассуф Алии Ҳамадонӣ.

– Чаро?

– Чунки ҳамеша аз зебогии зоҳир фиреб мехӯранд.

– Мусулмони комил ҳаргиз фирефтаи ин замона нашуда, ғами рӯзи қиёматро мехӯрад,-

гуфт Шайх Қавомиддини Бадахшӣ.

– Офарин, дуруст гуфтӣ!- аҳсант хонд ба андешаи муридаш Алии Ҳамадонӣ ва таассуфомез идома дод:- Охир зоҳир ботинро ҳамеша пинҳон медорад.

– Пас зебогии инсонро чӣ гуна метавон дарёфт?

– Фаромӯш накун, ки зебогии зоҳир умри кӯтоҳ дорад.

Шайх Қавомиддини Бадахшӣ, ки дигар неруи ба устодаш суол доданро надошт, хомӯш монд. Алии Ҳамадонӣ, ки аз фазилату ҳунари воло ва дониши амиқи муридаш хуб огоҳ буд, ӯро ба баҳс даъват накард. Ин дам чашмаш ба дарахти танҳое афтоду ҳамсафаронашро таклифи дар сояи вай нишастан кард. Онҳо ҳаминро интизор буданд, ки ин таклифро бо фараҳмандӣ пазируфтанду дар сояи дарахт барои пири бузургашон ҷои нишаст омода намуданд.

Алии Ҳамадонӣ ба Шайх Қавомиддин, ки дар паҳлуяш менишаст, рӯ оварда гуфт:

– Исломро на ба зоҳир, балки бо фаҳму идрок шинохтан зарур аст, афсӯс, ки бархе аз худобехабарон дини мубини исломро ниқоб намуда, ба аъмоли зишт даст мезананд, ки ин куфр аст. Барои дуруст дарк намудани ин ҳама инсони комил мебояд буд, лекин чӣ илоҷ? Барои фатҳи ин қулла даҳсолаҳо илм бояд омӯхт. Расули акрам фармудаанд: «Аз гаҳвора то ба гӯр илм омӯз».

Дигар чизе чизе нагуфт, ҳарчанд мехост дар ин мавзуъ соатҳо баҳс намояд, аммо хомӯширо авлотар донисту ба дарахт дуру дароз нигох карда, аз дил гузаронд: «Сарв зеботарин ниҳоли ҳамешасабз буда, ватанаш баҳри Миёназамин аст. Чи гуна вай ба ин биёбони сӯзон афтода, хушк нашудааст?» ва беихтиёр ин мақолро ба забон овард:

Сарв агар хушк шавад,боз асо мегардад.

–Шайх Сулаймон ба пираш рӯ оварда пурсид:

– Пирам, ин чӣ дарахт аст, ки дар сояаш фароғат дорем?

– Ин дарахти афсонавӣ аст, ки сарваш меноманд. Навъҳояш ҳам гуногунанд, мисли сарви хиромон, сарви аризонӣ ва…

– Бе об чӣ гуна як дарахти танҳо метавонад, сабз бимонад?- пурсид бо ҳайрат Шайх Сулаймон.

Алии Ҳамадонӣ ба самти муқобил нигоҳ карда, ҷӯйчаи обро дид ва онро ба хамсафаронаш нишон дода гуфт:

– Албатта дар ин наздикиҳо ободонӣ ҳаст, шояд чашма ҳам бошад.

Баъди хуб дам гирифтан ба роҳ баромаданд. Чандон дур нарафта, дар рӯ ба рӯяшон киштзор, боғи сарсабз ва полизи серҳосилро диданд. Шогирдон бо дидаи тааҷҷуб ба ҳазрат нигоҳ карда, даст пеши бар намуданд. Дар миёни боғ марде ба дастаи каланд такя карда, бо таҳайюр аз онҳо чашм намеканд: ӯ соҳиби ҳамин мазраи сарсабз буд. Тарбузу харбузаҳои калон-калон аз заҳмати пайвастааш шаҳодат медоданд.

Мард онҳоро дар либосҳои ғайриодӣ дида, ба нишастан таклиф намуд ва пурсид:

– Донистан айб нест, шумо кӣ ҳастед ва аз кадом кишвар меоед?

– Кӯлобиему аз шаҳри Кӯлоб меоем,- посух гардонид нафаре аз муридон.

– Кӯлоб… Бори нахуст мешунавам. Чӣ давлат аст ва дар куҷост он?

– Шаҳрест дар Хатлонзамин,- гуфт Алии Ҳамадонӣ.

– Ба куҷо сафар доред?

– Нияти тавофи Хонаи Худоро дорем?

Боғбон аз забондонии меҳмонаш ба ваҷд омад. Охир Алии Ҳамадонӣ ба забони арабӣ ба пурсишҳои ӯ посух мегардонд. Араби боғбон онҳоро бо харбӯзаҳои ширин меҳмондорӣ карду бо ҳасрат гуфт:

– Дар ин биёбон касе нест, ки исломро ба мо биомӯзад…

Алии Ҳамадонӣ аз посухи мард ҳайрон шуда пурсид:

– Магар намоз намехонӣ?

– Охир сураҳоро пурра намедонам…

– Чанд сол дорӣ?

– Акнун ба панҷоҳ даромадам.

– Омӯз, китоб хон!

– Аз кӣ? Баъд, устод ҳам надорам.

– Ман як ҳафта сабақат медиҳам, иншоаллоҳ, одоби намоз гузориданро меомӯзӣ ва сураҳоро ҳам аз бар хоҳӣ кард?

– Магар ту домулло ё мударрис ҳастӣ?

– На, ман ҳамагӣ як бандаи муъминам.

Алии Ҳамадонӣ ба араби боғбон тайи як ҳафта, бо мушкилии зиёд, одоби намоз хонданро омӯзонид. Араб ҳам танбал буду ҳам тоқати дар як ҷо нишастан надошт: доим ҳушу ёдаш ба

боғу роғаш банд буд. Баъди базӯр чанд сураро аз худ карданаш рӯзе Алии Ҳамадонӣ вакти намози шомро маълумаш намуда рамузгирона гуфт:

– Вақти намоз хам расидааст, бирав, таяммум кун!

«Бигузор дар регзор таҳорат намояд, агарчӣ об ҳаст,- андешид Алии Ҳамадонӣ.- Ёд мегирад…»

Араби боғбон намозхониро омӯхт ва лаҳзаи видоъ ба пираш ҷома тақдим карду ашк рехт. Баъд даст ба дуо бардошта, сураеро аз Қуръони карим қироат кард. Алии Ҳамадонӣ аз карда қаноатманд буд, шогирдонаш бошанд, дидаи ҳайрат аз араби боғбон намеканданд. Самимияти араб интиҳо надошт. «Ана, хамин аст қудрати ислом»,- аз дил гузаронд Ҳамадонӣ. Бо меҳр ба ҳар кадомаш барои роҳ тӯша дод. Гӯшту нон ва харбӯзаҳои ширин низ ҳадяашон кард.

Пири Ҳамадон ва пайравонаш нисфи шаб ба роҳ баромаданд. Ҳазрат самти ҳаракаташонро аз ҷойгиршавии Моҳ ва дигар ҷирмҳои осмонӣ муайян мекард. Шаҳрҳои Димишқу Шомро низ гузашта, баъди чанд ҳафта ба Маккаи мунаввара расиданд. Чун ба Каъбатулло ворид гардиданд, муридаш Шайх Сулаймон ба зону афтода, гирёну нолон гуфт:

– Ҳазратам! Чӣ бахти бузурге насибамон гашт. Охир маҳз бо шарофату баракати Шумо саломат то ба ин ҷо расидем. Акнун мо як умр дар хидмати Шумоем!

– Бархез, Шайх! ҳар кадоми шумо мардони боимону покизаед. Худо шуморо дӯст медорад! Беҳтараш ба гармоба даромада, худро покиза кунед, ба тавофи Хонаи Худо меравем.

Субҳидам Алии Ҳамадонӣ вориди Каъба шуду аз пайи ӯ Шайх Сулаймону Шайх Қавомиддини Бадахшӣ ва дигар муридон ҳам қадам ба Хонаи Худо ниҳоданд. Дар масҷид намоз гузорида, рукнҳои ҳаҷро ба ҷо оварданд. Баъди адои намоз Алии Ҳамадонӣ бо овози паст ба муридону пайравонаш гуфт:

– Акнун Шумо метавонед ба Ватан баргардед.

– Шумо чӣ, пирам?- пурсид бо тааҷҷуб Шайх Сулаймон.

– Ман, бо розигии Худованд, ба Кашмир меравам.

– Чаро ба Кашмир?- пурсид Шайх Қавомиддини Бадахшӣ.

– Чанд сол пеш ба он ҷо сафари кӯтоҳе доштам. Мехоҳам дар он шаҳр ба таълими дини мубини ислом машғул гардам. Боз хоб дидам Ҳазрати Муҳаммад(с)-ро. Дуоям дода талқин намуданд, ки ба Кашмир бираваму мардуми онро ба гаравидани дини мубини ислом даъват намоям. Ин шарафи бузургест, ба ҳар бандаи Худо насиб намегардад. Маро дуруст бифаҳмед: ман бояд ба Кашмир биравам, фарзандонам!

– Охир мардуми Кашмир бутпарастанд- ку?- хитоб кард Сайид Фирӯз.

– Ман бояд ба онҳо исломро омӯзонам,- қотеона гуфт Алии Ҳамадонӣ

– Дар Кашмир то кай сукунат хоҳед кард?- пурсид Рашиди Ҳаққонӣ

– Намедонам, номаълум…

– Ҳазрат, мардумеро, ки ба дини ғайр гаравидаву ба ҷои Худои ягона бутро мепарастанд, чӣ тавр ба ислом даъват мекунед?

– Мусулмони доӣ бо огоҳ сохтани бехабарон, таълими ҷоҳилон ва роҳнамоӣ кардани гумроҳон даъвати ба дини Аллоҳ таъолоро анҷом медиҳад. Даъват ба дини Худо одоб ва шеваҳои хосси худро дорад. Даъваткунанда онҳоро бояд риоя намояд, то даъваташ натиҷа бубахшад,- шарҳ дод Алии Ҳамадонӣ.

– Мо ҳаргиз Шуморо танҳо намегузорем, ҳамроҳ Кашмир ҳам меравем!- гуфт Шайх Қавомиддини Бадахшӣ.

Ин таклифро ҳамаи муридонаш қабул намуданд...

***

Боз саҳроҳои хушку беобу сӯхтаро пушти сар бояд мекарданд. Корвони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чандин баҳру рӯдҳоро гузашта, баъди азобу машаққати ҳафтодрӯза ба наздики Кашмир расиданд. Ба мушкилоти ин сафари тӯлонӣ Шайх Сулаймон тоб наоварда, сахт бемор шуд. Ҳоҷиён ҳафтаеро ба муолиҷаи дӯсташон сарф карданд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо усули гиёҳдармонӣ муриди содиқашро табобат намуд ва охири ҳафта онҳо вориди Кашмир шуда, онро ноором дарёфтанд. Ихтилофу низоъҳои тезутунди мазҳабиву динӣ зиндагии мардумро тира гардонда буданд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ёрони худ дар канори рӯдхонаи Абҳати Кашмир манзили иқомат ихтиёр карда, (Дар ин маҳал баъдҳо кашмириён ба хотири Алии Ҳамадонӣ хонақоҳи Шоҳи Ҳамадон ва масҷидеро бо номи «Ҳамадонӣ» бино карданд) ҳар рӯз, баъд аз адои намоз ва зикри Парвардигор, дар баландие менишасту ба мардум улуми исломиро меомӯзонид. Забону тарзи баёнаш ҳамаро мафтун карда буд. Рӯз то рӯз шумораи пайравонаш меафзуд, мубаллиғон ва воизони мутааддидро таълим медод. Бо ҳиндуву буддоӣ баҳс мекарду аз оёти Каломи раббонӣ соатҳои дароз ҳарф мезад. Мегӯянд, ки солхои иқоматаш дар Кашмир сию

ҳафт ҳазор бутпараст бо даъвати ӯ дини исломро қабул кардааст. Дар мавзеи Похлӣ теъдоди ҳаводоронаш зиёдтар мегашт. Акнун Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва муридонаш шабу рӯз ба таълими ислом банд буданд….

Рӯзе аз рӯзҳо, субҳидам, дар хонақоҳи Похлӣ мардуми зиёде аз кадом як қабилаи кашмириён гирд омаданд. Сарвари қабила пеш баромада, таъзимкунон ба Алии Ҳамадонӣ мурочиат мекунад:

– Ҳазрат, аз рӯзе, ки Шумову пайравонат ба Кашмир омадед, қариб ҳамаи қавми мо дини мубини исломро қабул карданд, ба чуз ҳамин мардум. Акнун ин қабила ҳам,- мардуми атрофашро нишон медиҳад,- мехоҳанд, ки мусулмон бошанд.

– Бисёр хуб,- ба онҳо рӯ оварда гуфт Алии Ҳамадонӣ.- Аввал калимаи шаҳодатро ба забон биоваред.

Ва тамоми қавм бо камоли майл дар баробари бузургвор калимаи шаҳодатро ба забон оварда, сипас суннати пазируфтани дини исломро анчом доданд. Ва батадрич муридони хазрат тарзи намозхонӣ ва таҳоратро ба онҳо омӯзонданд. Шомгоҳон кашмирие гирёну нолон ба назди Алии Ҳамадонӣ омада, ба зону заду пурсид:

– Ҳазрат, ман ғуломи шумоям?

– Чаро?- дар хайрат афтода пурсидАлии Ҳамадонӣ.

– Охир бо ҳидояти Шумо ман муъмину мусулмон шудам- ку?

– Ҳамааш аз инояти Парвардигор аст,- ӯро ором кард ҳазрат.

– Бутпараст будаму имрӯз мусулмон шудам, магар аз ин дида бахти
бузургтаре ҳаст?

– Офарин!- хитоб кард Алии Ҳамадонӣ ва афзуд.- Бигӯ, табдили эътиқод мушкил набуд?

– Не, ҳазрат, каломи Худованди ягона мушкиламро осону роҳамро равшан намуд…

***

…Овозаи марҳамату шафоати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тамоми Кашмир ва дигар музофоти Ҳиндро фаро гирифта буд.Ба шарофати таълимоту заҳматҳои пайвастаи ӯву пайравонш дар ин қаламрав низоъ ва кашмакашҳои мазҳабӣ кам шуда, нуфузи дини мубини ислом дар миёни мардум меафзуд.

Султон Қутбиддин, шоҳи Кашмир, дар қасраш бо чанде аз муқаррабонаш сухбат дошт. Зимни муҳокимаи вазъи сиёсии кишвар, ҳолати зиндагӣ ва таъмини амнияти мардум аз вазираш пурсид:

– Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чӣ гуна инсонанд?

– Хидматгори содиқ дар таҳкими дину оин ва мардеанд парҳезкору покизадил.

– Мегӯянд, ки се маротиба дунёро давр задаанд? Ин ҳақиқат аст ё овоза дар миёни мардуми авом?

– Бале, марди чаҳонгарду соҳибкитобе ҳастанд.

– Дар Кашмир чӣ корҳоро анчом додаанд?

– Мадраса месозанд ва ба таълими дину тарғиби оинҳои исломӣ дар миёни мардум машғул мебошанд.

– Чаро дар бунёди мадраса аз мо кумак намепурсанд?

– Аз кумаку дастгирии пайравону муридонаш пурра бархӯрдор ҳастанд.

Ин дам ба шоҳ хабар доданд, ки Алии Ҳамадонӣ ичозаи вуруд ба қасри шоҳро мепурсад. Шоҳ аз курсӣ поён шуда, бошитоб ба истиқболи ҳазрат баромад. Дарбориён бо нишони эҳтиром дастҳо пеши бар намуда, ҳар кадом ҳини мулоқот ҳазратро сано мегуфтанд. Дар хузури дарбориён Сутон Қутбиддин аз хидматҳои бузурги Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар тарғиби дини мубини ислом дар Кашмир ҳарф зада, ба ӯ, ки бо тавозуи хосса дар паҳлуяш меистод, чомаи зарбофт пӯшонид ва дастур дод, ки барои таълими улуми динӣ дар маркази Кашмир мадрасаи муҳташаме бо номи «Хонақоҳи Ҳамадонӣ» бунёд гардад.

Шоми ҳамон рӯз дар ҳучраи Алии Ҳамадонӣ шогирдонаш чамъ омада, пирашонро табрик мекарданд, хурсандиашон беҳад буд. На камтар, балки беш аз дигар дӯстон муриди содиқаш Шайх Қавомиддини Бадахшӣ шоду мамнун буд . Ӯ ҳамаро ба хомӯшӣ даъват намуд ва даст рӯи сина ниҳода гуфт:

– Ҳазрат, тайи ин панч сол қариб дар тамоми қаламрави Кашмир мардум тарки бутпарастӣ намуда, калимаи шаҳодатро ба забон оварданд: мусулмон шуданд. Ин ҳама самараи хидматҳои бузурги Шумост, пирам!

– Не, ин ҳама бо хости Худованд сурати ҳастӣ пазируфтаанд ва баъд, хидмату саҳми Шумо, бале, хидмати Шумо- фарзандонам ҳам дар ин роҳ лоиқи таҳсину офаринҳост. Баракоти заҳматҳоятонро Офаридгор бароятон арзонӣ бигардонад, азизонам!

– Ҳазрат, тӯли ин солҳо боре аз фироқи зану фарзанд ва пайвандон, дурӣ аз меҳани маҳбуб ва дигар мушкилот забон накушодед?

– Худованди азза ва ҷалл дар ин солҳо мушкилкушову раҳнамоямон буданд ва мо дар Кашмир ҳар амалро бо амри он Зоти пок ба ҷо овардем. Ва муҳиммаш кашмириён аз ҷавҳари ҳақиқат ва аҳкоми ислом бохабар гашта, Худои яккаву ягонаро бо чашми дил ва ақли худ шинохтанд,- гуфт Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.

***

Алии Ҳамадонӣ дар баробари ба мардум омӯзондани заруриёти диния ва аҳкоми исломӣ ба бунёди масҷиду китобхонаҳо пардохт. Дар китобхона соири кутуби арабӣ ва форсии худро, ки ба Кашмир оварда буд, дар хидмати мардум гузошт. Ёрону муридон ва пайравонаш ҳам дар навоҳии Кашмир дини ислом ва забони форсиро тарғиб мекарданду тавсеа медоданд. Ӯ мехост мехост мардуми Кашмир аз дигар ҳунарҳо низ бархӯрдор бошанд. Ба ин мақсад ҳафтсад тан сайиди ҳунармандро аз Хатлону Ҳамадон даъват намуд ва эшон асрори ҳосил кардани абрешим, гилему қолинбофӣ ва амсоли ин ҳунарҳоро барои мардуми кишвар кушоданд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои касби ақли ҳалол ба кулоҳбофӣ иштиғол меварзид. Ин марди шариф тоқии кӯлобиро ба хотир оварда, ҳунарашро такмил дод. Дар тоқӣ рамзи диёнату саммадиятро ҷой дода, атрофиёнашро дар ҳайрат гузошт. Рӯзе, баъди адои намоз, як тоқии дӯхтаашро ба Султон Қутбиддин ҳадя намуд. Мегуянд, ки минбаъд шоҳ ин тоқиро зери тоҷи худ мепӯшид ва ҷонишинони ӯ ҳам ин тоқии табаррукро дар **камо-кона(?)** нигоҳ медоштанд. Зиёда аз саду чиҳил сол ин тоқиро шоҳони Кашмир табаррук медонистанд. Баъдтар султони мулк- Фатҳшоҳ васият кард, ки ин тоқии табаррукро бо наъши ӯ дафн кунанд.

Овозаи шуҳрати бемисли Алии Ҳамадонӣ дар қаламрави Кашмир ба баъзе муҳтасибону ҷоҳилон намефорид ва онҳо бо ҳар роҳ донишу бузургии ӯро зери шубҳа гузоштан мехостанд. Ровиёни ахбор мегӯянд: «Ҳангоме ки Алии Ҳамадонӣ ба музофоти дурдасти Кашмир меояд, миёни ӯву гурӯҳе аз уламои ин диёр баҳси доманадоре ҷараён мегирад. Шайхи ин музофот, ки дар миёни уламо машҳуру соҳибнуфуз буд, бо Алии Ҳамадонӣ баҳс ороста, ӯро мулзам кардан хост. Ахиран ҳолати гове, ки дар назди маъбад мечарид, мавзӯи баҳс қарор гирифт. Шайх бо боварӣ гуфт, ки гов дар батнаш гӯсола дорад ва пешонаи гӯсола сапед аст, мисли пешонаи модараш. Алии Ҳамадонӣ, баъди чанде андеша намудан, мегӯяд, ки «Аслан пешонаи гӯсола сапед нест, балки нӯги думаш сапед аст ва гӯсола дар батни модараш тавре хоб аст, ки сафедии нӯги думи гӯсола дар болои пешонааш ҷой гирифтааст.»

Барои аниқ кардани гуфтаҳои эшон дар шоҳидии ҳозирин, ки басо зиёд буданд, говро сар мебуранд ва мебинанд, ки, воқеан, пешонаи гӯсола сафед набуда, балки нӯги думаш сафед будааст. Шайхи Кашмирӣ аз мағлубияташ дар назди қавми хеш шармсор гашта, ҳамон замон ба ҳаво парвоз карда, ногаҳон ғайб мезанад. Алии Ҳамадонӣ ин дам кафшашро аз по кашида, ба боло мепартояд ва дар як мижа задан шайхи мағлуб дар ҳаво пайдо шуда, аз зарбаи кафши ҳазрат ба замин сарозер мегардад. Баъди он ки пири хиради минтақа дар назди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ муттаҳам мегардад, қавми ӯ дини мубини исломро қабул мекунанд…»

Аз ин каромоти Алии Ҳамадонӣ ҳокими Похлӣ Султон Ғиёсиддин огоҳ гашта, ӯро ба ҳузураш мехонад. Бо амри ҳоким меҳмони азиз ва ҷамъи ёронашро бо иззату икром пазироӣ намуда, дар хонақоҳе ҷой медиҳанд. Зимни суҳбат ҳоким дарк мекунад, ки дарди фироқ қалби меҳмонашро абгор кардаасту ӯ хаёли бозгашт ба Кӯлобро дар сар дорад. Бегоҳ барои меҳмони азиз зиёфати хосса орост, то бо ӯ суҳбати рӯ ба рӯ дошта бошад. Ҳарду дар кушки ҳоким, болои кӯрпачаҳои зарҳалин нишастанад. Дастархон саршор аз нуқлу наво, ва ғизоҳои лазиз буд, аммо меҳмон ба чизе таваҷҷуҳ зоҳир накарда, зери лаб зикри Ҳақ таоло ва самадияти он Холиқи ягонаро менамуд. Ҳоким ба чизе майл надоштани ӯро дида пурсид:

– Ҳазрат, шунидам, ки нияти бозгашт ба Кӯлобро доред?

– Бале, охир фарзандону пайвандонам дар Кӯлобанду панҷ сол боз аз дидорашон маҳрумам!

– Онҳоро ба Кашмир даъват кунед. Мо ҳамаи шароитро барояшон муҳайё месозем,- гуфт ҳоким.

– Ба ростӣ, Кӯлоб ва мардуми онро ёд кардаам. Боз навои фалак ва мавзеъҳои муқаддаси он сарзамин дар хобам медароянд,- гуфт Алии Ҳамадонӣ.

– Фалак!? Чӣ навоест он?- пурсид хоким дар ҳайрат афтода.

– Фалак мусиқии мардуми Кӯлоб мебошад,бисёр дилрешу ғамбарор аст,- боз гуфтаниҳои дигар дошт, вале хомӯш монд меҳмон.

Ҳокими Похлӣ фаҳмид, ки ҳазрат аз азмаш намегардад. Баъди тааммуле чанд гуфт:

– Ҳазрат, аҳли Кашмир хидматҳои Шуморо ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳанд кард. Иншоаллоҳ, мадрасаву коххои бунёдкардаатон то абад ба кашмириён хидмат хоҳанд кард. Кай ба роҳ мебароед?

– Худо хоҳад, пагоҳ, кабл аз дамидани субҳи содик,- гуфт Алии Ҳамадонӣ.

Рӯзи дигар, ҳанӯз офтоб чеҳра накушода, ҳокими Пахлӣ бо Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хайрухуш карду ба вай ва ёронаш миқдори муайяни ғизо, об ва қадре хурмо туҳфа кард. Барои масрафи роҳ гӯшт низ гирифтанд…

***

Роҳи бозгашт ба Кӯлоб басо тӯлониву сангин буд. Ҳар замон Шайх Қавомиддини Бадахшӣ ба Шайх Сулаймон нигариста, бо имою ишора мефаҳмонд, ки устодашон монда шудаанд, бояд даме биосоянд. Охир роҳ гаштан барояшон торафт мушкил мегардад, аммо Шайх Сулаймон ғайрат намекард, ки хоҳиши дӯсташро ба пирашон бирасонад. Баъд аз як ҳафтаи сафар ба Ҳиҷоз расиданд. Шабонгаҳ Шайх Қавомиддини Бадахшӣ ба чеҳраи ҳазрат хуб зеҳн монду дилаш таҳ кашид. Берун баромада, пеши ёронаш домони маслиҳат боз кард:

– Пай мебаред, ки ҳазрат, ҳарчанд аён намекунанд, чанд ҳафта боз ранҷи беморӣ мекашанд?

– Оре, ду ҳафтаи охир устод ранҷу азоби рӯҳӣ мекашанд, аммо аз чизеву касе шикоят надоранд,- гуфт Сайид Фирӯз.

– Шитоб бояд кард, дигар илоҷ нест,- изҳори ташвиш намуд Рашиди Ҳаққонӣ.

Дар шаҳри Ҳиҷоз низ мардум овозаи Мир Сайид Алии Ҳамадониро шунида, ба зиёраташ меомаданд. Ӯ ба бемориаш эътибор надода, онҳоро қабул мекарду бо бо ҳар кадомаш суҳбат меорост, мисли пештара ба тоату ибодат ва омӯзиш машғул мешуд. Як хафта рӯза дошт. Ба шахр баромада, аз тамошои масҷиду бозорҳои бузурги Ҳиҷоз хотирашро болида месохт. Шуғли мардумро ба ободиву боғдорӣ дида, калбаш моломоли шодию фараҳ мегардид. Вале аз як чиз сахт малулу хаста шуд: миёни мардум таассубро дида, аз он сахт афсӯс хӯрд, ки то ҳанӯз дар ин қаламрав миёни мазҳаби сuниву шиа низоъ ва ихтилоф ҷой доштааст .Ӯро фитнаҳои уламои дин ва иҷрои авомири шаръи исломӣ хаста намуд. Боз рӯ овард ба дафтару қалам ва ғазали наве иншо карду онро зери лаб такрор намуда: гӯё худро бо ин абёт мехост тасалло бидиҳад:

Хуш он сирре, ки буд завқи сайро дида,(?)
Ба чашми дил рух асрори он саро дида.
Бар остини вафо ҳар даме зи душману дӯст,
Ҳазор меҳнату нокомию ҷафо дида.
Бар ҳар ҷафо, ки кашидам ба рӯзгори дароз,
Барои дӯст дар он шева вафо дида...

***

Соли 786 ҳиҷрии қамарӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалқаи пайравонаш ба хоки музофоти Кунар(имрӯз Астаробод)- и Афғонистон расиданд. То диёри поки Хатлон роҳ кам монда буд. Аз азобу кулфати мусофират, роҳи дуру дароз ва беморӣ бори хастагиву ранҷурӣ дар дӯш мекашид, вале бемориашро пинҳон медошт ва ба муридонаш аз таърихи тасаввуфу тариқат ва рӯзгори авлиёву анбиё нақл мекард.

Рӯзи шашуми зулҳиҷҷаи соли 786- уми ҳиҷрии камарӣ якбора ҳоли ҳазрат бад шуд. Муридон паҳлуяш ашкрезону нолон нишаста, имою ишорати пирашонро интизори мекашиданд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ наздик будани соати маргашро медонист, ки бо нигоҳ атрофиёнашро ором мекард. Муридони вафодораш мехостанд чорае биҷӯянд, аммо он ҳазрат зери лаб сураи Ёсинро такрори ба такрор мехонду дар назараш манзараҳои афсонавии кӯҳи Чилдухтарон, мадрасаҳои Кӯлоб ҳувайдо мегардиданд. Хаёле кабки дастомӯзаш дар гӯшае бо овози ҳазин нола мекард ва оҳанги дилреши фалак аллааш мегуфт. Ҳазрат бори охирин номи писараш Сайид Муҳаммадро ба забон оварду лифофаеро ба муридеш, ки дар паҳлуяш менишаст, дода, хоҳиш намуд, ки онро ба писараш бирасонанд. Баъд васият намуд, ки тобуташро ба Кӯлоб бубаранд.

Хабари фавти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба зудӣ ба Кашмир расид. Султон Қутбиддин дастур дод, ки наъши он муршиди роҳи Ҳақро ба Кашмир биёранд. Ҳокими Пахлӣ мехост, ки Мири Ҳамадон дар вилояти ӯ мадфун гардад. Пайравону муридони ҳазрат дар Кӯлоб даъво мекарданд, ки мутобиқи васияти устоди бузургашон наъшашро ба шаҳри Кӯлоб мебарем. Низоъи ба амал омада ҳамаро дар ҳайрат гузошта буд. Дар ин соати ҳассос яке аз шогирдони вафодораш Шайх Қавомиддини Бадахшӣ ба миён баромада нидо кард:

– Ҳар кас, ё ҳар гурӯҳ, ки тобути Алии Ҳамадониро бардорад, метавонад онро дар ҷое, ки мехоҳад, дафн кунад!

Аз ин пешниҳод аввал ҳама дар тааҷҷуб афтоданд. Сипас розӣ шуда хостанд тобути бузургворо бардоранд, аммо нафаре ҳам онро ҳатто такон дода натавонист. Он гоҳ Шайх Қавомиддини Бадахшӣ «Бисмиллоҳ- ур- раҳмони раҳим!» гуфту тобути пирашро ба танҳоӣ аз замин бардошт. Аз ин каромот ҳама гиребон гирифта тавба карданд ва ба муридони хатлонии

ӯ иҷозат доданд, ки тобутро ба Кӯлоб бибаранд...

***

Ду шаб буд, ки Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ пирашро дар хоб медид. Ӯ аз дурии устодаш ғам мехӯрд. Ин субҳ, баъди адои намоз, хоби дидаашро ба хотир оварду як гӯшаи дилаш нооором гашт, вале худашро ба даст гирифту «Ло Илоҳа илаллоҳ, Муҳаммадан расулуллоҳ!» гуфта, ба назди фарзанди пираш Сайид Муҳаммад омад, ки бо амри устодаш солҳо боз ба ӯ сабақ медод. Шогирди азизашро, ки ҳамсони падар чеҳрае нуронӣ дошт, дида суол кард: - Сайид Муҳаммад, тайи ин солҳо тамоми улуми исломиро аз худ намудед?

– Бале, пирам, масоили шариату тариқат, футувват ва ҳандасаю илми коинотро омӯхтам!

– Рост мегӯед, охир ман ба фазилату каромоти шумо боварӣ дорам!

– Ман ҳамаи китобҳои хондаамро аз ёд медонам!

– Шумо истеъдоди фавқулода доред! Асарҳои падари бузургворатонро ҳам мутолиа кардед?

– Бале, устод, ҳамаи беш аз 140 рисолаву осори илмиашонро пурра аз бар намудаам.

– «Захират- ул- мулук» аз чанд боб иборат аст ва бобҳои панҷуму шашуми он ба кадом мавзӯъҳо бахшида шудаанд?

– Ин шоҳасар аз даҳ боб иборат аст ва бобҳои панҷуму шашуми он ба мавзӯъҳои дар аҳкоми салтанат ва вилоят ва аморат ва ҳуқуқи раоё ва шароити ҳукумат ва хатари ухдаи он ва вуҷуби адл ва эҳсон, ҳамчунин, дар шарҳи салтанати маънавӣ ва асрори хилофати инсонӣ бахшида шудаанд.

– Офарин! Барҳақ фарзанди арзандаи устоди бузургам ҳастед!

– Шумо, устод ва пайванди мо, мард ҳастед покдину покдил ва парҳезкор. Маро чун падар таълиму тарбият додед!

– Ситоишам накунед, устоди бузургворро ёд кардаам, кай бармегашта бошанд?

– Падар дар хобам даромаданд. Мебинам, ки эшон дар Кашмир ҳам машғули иншои рисолаву китобҳоянд. Ҳа, қариб фаромӯш кунам! Гуфтанд, ки аз номи падарам ду нома расидааст…

– Бале, ба ҷои нома ду санад- Васиятнома ва Хилофатнома ба мо расидааст.

– Онҳо ба номи ман навишта шудаанд? Пас нишон диҳед, хоҷаам!

– Ба Шумо танҳо Васиятномааш тааллуқ дорад.

– Чаро? Охир ман фарзандашон мешавам!

– Гӯш кунед, дар коғази дуюм омадааст, ки Хилофатномаро ба касе додан ҷоиз аст, ки бо талаби Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ба мақоми матлуб бирасад ва худро аз дараҷаи ходимият ба махдумият бирасонад.

– Ин тавр бошад, ман боз се соли дигар дар назди Шумо илм омӯхта, сипас ба сафари дунё мебароям ва…- гуфт Сайид Муҳаммад ва ҳарфаш нотамом монд.

Ходиме дарро кушода, ба Хоча Исҳоқ хабар дод:

– Хоҷаам, аз шаҳри Кунари Афғонистон чопаре бо хабари муҳим омадааст.

– Ӯро иҷозаи вуруд бидеҳ,- гуфт Хоҷа Исҳоқ.

Чопар вориди ҳуҷра гардиду бо чеҳраи ғамбор хабар дод:

– Ризвонуллоҳ Ҳазрати Мир Сайиид Алии Ҳамадонӣ ҳангоми бозгашт дар шаҳри Кунар аз дунё гузаштанд.

Хоҷа Исҳоқ мушт бар зада:

– Оҳ, сад дод аз дастат, фалаки ҷомакабуд!- гуфта хитоб кард ва гирёну нолон Сайид Муҳаммади ҳайронро ба оғӯш кашид. Оби дидагонашро боз дошта наметавонист.

Ин хабари нохуш зуд ба гӯшҳо расид. Хешону наздикон аз дуру наздик гирд омаданд. Аз чор ҷониб гиряву нола ба гӯш мерасид. Кӯлоб мотам дошт. Хоҷа Исҳоқ номаро бори дигар қироат карду ин мисраъҳоро, ки таърихи фавти ҳазрат дар онҳо зикр шуда буд, бори дигар ба забон овард:

Ҳазрати Шоҳи Ҳамадони карим,
Ояти раҳмат зи каломи қадим.
Гуфт дами охиру таърих шуд:
Бисмиллоҳ- ир- раҳмон- ир- раҳим!

Акнун тобут не, рӯҳи поки Ҳазрати Амирҷон дар парвоз буд. Тобут даст ба даст ҷониби Кӯлоб меомад. Ин рӯҳи қудсии он абармарди покниҳод буд ва мардум аз дунболи тобути он марди шариф роҳ ҷониби Кӯлоб мепаймуданд. Шайх Қавомиддини Бадахшӣ бо овози баланд мегуфт:

Аз Ҳамадон нури вай омад падид,
Оқибат он нур ба Хатлон расид.
Маккаи сонӣ Ҳамадонро бигӯ,

Ясриби сонӣ шуда Хатлони ӯ…

Дар канори шаҳри Кӯлоб деҳаест бо номи Тӯдакавш. Он замон ихлосмандону пайравони Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз тамоми гӯшаву канори Машриқзамин ба воситаи ҳамин деҳа ба шаҳри Кӯлоб меомаданд ва зиёрати бузургвор Ҳазрати Амирҷон насибашон мегашт. Ва ҳар гоҳе ба ин макони муқаддас мерасиданд, аз рӯи ҳурмату ихлосашон ба Амири Ҳамадон кафшҳояшонро дар деҳа монда, баъд ба зиёрати Мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ меомаданд. Ҳар рӯз ғарами кафшҳоро дида, мардум деҳаро Тӯдакавш ном ниҳоданд. Ҳоло ҳам аз ҳар гӯшаи ин хоки пок нолае ба атроф паҳн мегардад. Гуё то ҳанӯз навои дилреши фалак ёди он марди шарифро ба дилу дидаҳо мерасонаду кабки дастомӯзаш аз бағали кӯҳҳо фарёд мекунад. Ва таронаи умри абад ёфтаи ин орифи комил аз умқи қарнҳо то имрӯз боз ҳам ово дорад:

Ҳар кӣ моро ёд кард, Эзид мар ӯро ёр бод,
Ҳар кӣ моро хор кард, аз умр бархурдор бод!
Ҳар кӣ андар роҳи мо хоре фиканд аз душманӣ,
Ҳар гуле, к- аз боғи васлаш бишкуфад,бехор бод!
Дар ду олам нест моро бо касе гарду ғубор,
Ҳар кӣ моро ранҷа дорад, роҳаташ бисёр бод